## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**в и л о я т и С у ғ д**

# Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Бӯстон барои солҳои 2016-2020



# МУНДАРИҶА

**Рӯйхати ихтисорот**
**Пешгуфтор**
**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ**
**ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ ШАҲРИ БӮСТОН**
**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ**
2.1. Соҳаи саноат
2.2. Соҳибкории хурду миёна
2.3. Соҳаи савдо
2.4. Сохтмон
2.5. Буҷет
**БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ**
3.1. Соҳаи маориф
3.2. Соҳаи тандурустӣ
3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ
3.4. Соҳаи фарҳанг ва фароғат
3.5. Сайёҳӣ ва варзиш
**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР**
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ
4.2. Барқтаъминкунӣ
4.3. Газтаъминкунӣ
4.4. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ
4.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ

## шаҳри Бӯстон

(Тасаввуротиояндаи шаҳр бо назардошти иқтидорҳои мавҷуда)

Бӯстон – яке аз шаҳрҳои саноати ҷумҳурӣ маҳсуб ёфта, дар он соҳаҳои саноат, нақлиёт, сайёҳӣ ва варзиш инкишоф ёфта истода, муҳити тозаи беҳдошти зиндагӣ ҳукмфармост. Барои рушди соҳибкорӣ ва бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ тавассути захираҳои табиии мавҷуда тамоми шароит фароҳам оварда шуда, ҳамкории мақомоти давлатӣ бо бахши хусусӣ дар сатҳи зарурӣ ва самаранок ба роҳ монда шудааст. Дар шаҳр мардуми гуногунмиллат ва аз ҷиҳати ақлониву зеҳнӣ ташаккулёфта истиқомат дошта, марказҳои фарҳангиву таърихӣ, инфрасохтори навин, хизматрасонии замонавии иҷтимоӣ бо мутахассисони баландихтисос фаъолият мекунанд.

## ПЕШГУФТОР

Бӯстон ҳамеша ҳамқадами замон буда, дар асоси дастовардҳои илмӣ пешрафт намуда, бо мақсади самаранок истифода намудани захираи имкониятҳои мавҷуда, таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳр, Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳр барои солҳои 2016-2020 таҳия гардид. Бӯстон яке аз шаҳрҳои пешрафтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, мардуми шаҳр қавиирода, меҳнатдӯст, дорои касбу ҳунари баланд ва меҳмоннавоз мебошанд. Шаҳри Бӯстон дар арсаи байналмилалӣ низ мавқеи худро мустаҳкам намуда истодааст. Лозим ба ёдоварист, ки шаҳри Бӯстон бо Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳр барои солҳои 2016-2020 (минбаъд-Барнома) тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 05.06.2014 №442491 (22-3)) дар заминаи “Дастури методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ”(ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо маъқул дониста шудааст (№1/3 аз 12.01.2009), бо назардошти афзалиятҳои миллию маҳаллӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ (Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015”, “Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми  Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015”) ва барномаҳои соҳавию минтақавӣ аз тарафи гурӯҳи корӣ (бо кӯмаки методию машваратии мутахассисони Вазорати рушди иқтисод ва савдо дар доираи лоиҳаи муштараки Хазинаи кӯдакони Созмони Миллали Муттаҳид (Юнисеф) дар ҳамкорӣ бо мутахассисони соҳавӣ, ҷалби васеи бахши хусусӣ ва ҷамъиятӣ тарҳрезӣ шудааст.

Ҳадафи асосии Барнома таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, беҳтар намудани сифати зиндагӣ барои ҳамаи табақаҳои аҳолии шаҳр мебошад, ки он ба зиёдшавии даромад, сатҳи шуғл ҳамчун натиҷаи рушди иқтисодӣ

ва беҳтаршавии шароити зиндагии сокинон, болоравии боздеҳи захираҳо ва хароҷоти буҷет нигаронида шудааст. Ҳамзамон Барномаи мазкур барои ноил шудан ба се мақсади стратегии зерин замина мегузорад:

- муҳайё намудани фазои мусоид барои соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории истеҳсолӣ;
- ҳамгироӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ;
- беҳшавии муҳити иҷтимоӣ.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузоштташуда дар соҳаҳои асосии иқтисодиёти шаҳр чораҳои мушаххас пешбинӣ гардида, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ дар назар дошта шудааст. Ҷалби ҳарчи зиёди сармояи хориҷӣ ва дохилӣ асоси амалӣ гардидани вазифаҳои дар Барнома гузоштташуда буда, дар ин самт аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр тамоми имкониятҳо истифода мегарданд. Рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳр барои солҳои 2016-2020 бо назардошти зиёдшавии имкониятҳои соҳаҳои воқеии иқтисодиёт пешбинӣ мешавад ва дар зиёдшавии ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ асос мегузорад.

Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳри Бӯстон дар давраи то соли 2020 мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2004, №86 «Дар бораи Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 августи соли 2004, № 341 дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои супоришу дастурҳои Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки моҳи июли соли 2004 ҳангоми сафар ба вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд, Хатлон вохӯриҳо бо фаъолони вилоятҳо баён шудаанд ва ҳайати гурӯҳи корӣ тартиб дода шудааст. Амалӣ гардидани Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳри Бӯстон дар давраи то соли 2020 бо пешравии иқтисодиёт ба муносибатҳои бозоргонӣ ва болоравии нақши минтақаҳо вобаста аст. Рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳри Бӯстон дар давраи то соли 2020 бо назардошти сол аз сол зиёдшавии имкониятҳои истеҳсоли пешбинӣ мешавад ва ба зиёдшавии маҷмӯъи маҳсулоти дохилӣ, сатҳи дараҷаи зиндагонии аҳолӣ замина мегузорад. Теъдоди зиёдшавии қувваҳои истеҳсолӣ ва фароҳамоварии ҷойҳои нави корӣ имконияти паст гардонидани дараҷаи зиндагии мардум ва сатҳи камбизоатиро фароҳам меоварад. Бо ин мақсад дар соҳаи саноат, иқтисод солҳои наздик бо ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва дохилӣ ба истифодадиҳии иқтидорҳои нав ва барқарорсозии иқтидорҳои кӯҳна ба нақша гирифта шудааст.

Барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои баланди иқтисодӣ тадбиқ намудани вазифаҳои зерини стратегӣ ба миён гузошта шудааст:

-ташкили корхонаҳои саноатии нав;

-тараққиёти шаҳрҳо;
-баланд бардоштани сатҳи маънавӣ ва маълумотнокии аҳолӣ;
-ташкили инфрасохтори иқтисодӣ;
-рушди механизмиҳои хоҷагии шаҳр;
-тараққӣ додани соҳаҳои хизматрасонӣ;
-таъмини системаи амалкунандаи ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорӣ.

Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон  аз 5 марти соли 2008, дар бораи чораҳои бо ашёи хоми ватанӣ–металҳо ва сангҳои қимматбаҳо таъмин намудани корхона, ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродӣ, корхонаи воҳиди давлатии «Востокредмет» ба истеҳсоли собиқаҳои пластинаҳои техникӣ–стандартӣ бо вазни 100гр. ва  50гр. аз металли тилло ва нуқра шурӯъ намуд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон ва корхонаи воҳиди давлатии «Бӯстон обуканал»-и шаҳр бахри иҷроиши ќарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2006 таҳти №514 «Дар бораи тасдиқи барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020» дар шаҳри Бӯстон нақшаи чорабиниҳои амалии шаҳрро барои солҳои 2007-2020 таҳия намуда, тибқи нақшаи тартибдодашуда, як қатор корҳои мушаххасро ба анҷом расонид.

Барои таъмин намудани аҳолӣ ва истифодабарандагони шаҳри Бӯстон бо оби нӯшокӣ дар соли 2009 7 милиону 669 ҳазор метри кубӣ ва дар ёздаҳ моҳи соли 2015 7 милиону 45 ҳазор метри кубӣ оби нӯшокӣ истеҳсол карда шудааст.

Сарчашмаи оби нӯшокӣ, обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ буда, дар мувозинаи шаҳр саробанбор, обанбори наҳрӣ (речной), обанбори зеризаминӣ ва иншоотҳои обтозакунанда мавҷуданд. Аз системаи марказонидашуда 97%-и аҳолии шаҳр бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин карда мешаванд. Сифати об мувофиқи стандарти давлатӣ буда, лабараторияи (ташхисгоҳ) КВД «Бӯстон обуканал» таркиби обро таҳлилу тафтиш намуда, санҷишҳои кимиёвӣ, бактериологӣ ва хлорнокии обро гузаронида истодааст.

Иншоотҳои обтаъминкунандаи шаҳр солҳои 1950-1960 сохта шудааст ва аз сабаби кӯҳна буданашон онҳо таъмирталаб буда, як қисми онҳо аз сабаби набудани таҷҳизотҳои зарурӣ ва фарсудашавиашон корношоям гардидаанд. Шохқубурҳо ва хатҳои обдиҳандаи нӯшокии шаҳр 2-4 мӯҳлати кори хизматиашро адо намудааст, ки айни ҳол таъмирталаб мебошад.

Дар соли 2010 бахри таъмири асосии шохқубурҳо ва системаи обу ташноби шаҳр 5 лоиҳаи инвеститсионӣ ба маблағи 4 млн 91,5 ҳазор сомонӣ барои ҷалби сармояҳо аз Бонки Аврупо оид ба рушд ва таҷдид таҳия ва ба КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» - и Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст:

1. Лоиҳаҳои «Таъмири обанбори наҳрӣ» бо маблағи 200,7 ҳазор сомонӣ;
2. Лоиҳаи «Таъмири обанбори зеризаминӣ «ба маблағи 1млн. 403,5 ҳазор сомонӣ;
3. Лоиҳаи «Таъмири хатҳои обдиҳандаи шаҳрӣ» ба маблағи 461,9 ҳазор сомонӣ;
4. Лоиҳаи «Таъмири нишооти системаи рафъи партови обӣ» ба маблағи 450,9 ҳазор сомонӣ;
5. Лоиҳаи «барқарорсозии системаи обу канализатсияи шаҳр дар фасли сарди зимистони солхои 2007-2009 зарардида ба маблағи 1млн. 574 ҳазор сомонӣ.

Дар лоиҳа таъмири асосии ҷойҳои намудӣ ва коркарди насосҳои обкаш, таъмин намудан ба насосҳои нав ва таъмир кардани бинои насосҳои кашиши дуюм, бинои безараргардонӣ, иваз намудани шоҳқубурҳои обдиҳандаи асосӣ ва таъмир намудани таҷҳизотҳои зарурӣ барои истеҳсоли об ва барқарорсозии системаи обу ташноби пешбинӣ карда шудааст, ки сарчашмаҳои маблағгузорӣ, сармоягузорӣ, инвеститсионӣ, кӯтоҳмудад ба миқдори 3,2млн. доллари Иёлоти Мутаҳидаи Амрико мебошад ва аз соли 2011 марҳила ба марҳила ворид мешавад.

Ба КВД «Бӯстон обуканал» оиди иҷроиши қарори мазкур аз буҷети шаҳри Бӯстон дар соли 2010 ҳамагӣ 22840 сомонӣ таъмири кулли насосҳои обдиҳандаи тамғаи 6НДС-60, СЭ800-55 ва муттариқҳои тамғаи А88-2, А103,-4 А02-81-4 гузаронида, қубури обдиҳандаи ирригатсиониро кутраш 75-90мм масофаи 800м дар кӯчаи К.Хуҷандӣ хобонида шуданд. Дар натиҷа даҳ адад насосҳои обкаши тамғаи ЭЙВ 12-160-100 ва 4 адад насосҳои кашиши дуюми обдиҳандаи шаҳр мунтазам кор карда, таъминоти аҳолиро бо оби тозаи нӯшокӣ беҳтар гардонид.

Саҳми корхонаи воҳиди давлатии «Фулузоти нодири Тоҷикистон» дар корҳои ободонӣ ва таъмири роҳҳои шаҳр хеле назаррас аст. Дар ин давра таъмири ҷорӣ дар кӯчаҳои Гурянов, Гагарина, 1 Май, Мира, Пушкина, Масковская ба масофаи 4030 метри квадратӣ гузаронида шуданд. Бо қарори Раиси вилояти Суғд аз санаи 27 июли соли ҷорӣ, №254 аз ҳисоби буҷети вилоятии 1млн. 653 ҳазор сомонӣ барои таъмири мумфарши яклухти кӯчаҳои Б.Гафуров ва Гагарин ба масоҳати 2350 м.кв. ҷудо шуд, ки боиси пурра таъмир гардидани роҳи ташрифотии ҳудуди шаҳри Бӯстон гардид.

Бахри беҳтар намудани шароити зиндагии аҳолӣ ва таъмин намудан бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ аз ҳисоби заминҳои Ҷамоати шаҳраки Палос маводҳои заминсозӣ барои ҷудо намудани 9,77 га. қитъаи замин барои сохтмони манзилҳои истиқоматии шаҳрвандони шаҳри Бӯстон ва Ҷамоатит шаҳраки Палос омода карда шуд. Дар моҳҳои сентябр ва ноябр дар асоси хулосаҳои комиссияи доимоамалкунандаи ҷамъиятӣ оид ба назоратӣ ҷудо намудани қитъаҳои замини наздиҳавлигии шаҳр ба 67 нафар эҳтиёҷмандон қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ҷудо карда шуданд.

Инчунин барои таъмини аҳолӣ бо манзилҳои истиқоматӣ ба ҶДММ «Рухак» аз мавзеи маҳаллаи Нав ба масоҳати 4,10 га барои сохтмони 38 адад хонаҳои шакли котеҷи қитъаи замин ҷудо карда шуда, сохтмон оғоз карда шуда, баъзе аз онҳо ба анҷом расонида шуд.

## БОБИ 1. Ҳолати умумӣ ва таҳлили вазъи воқеъии шаҳри Бӯстон

**Маълумоти таърихӣ.** Мавқеи ҷойгиршави Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Бӯстон соли 1946 бо баробари ташкилёбии комбинати №6 куҳӣ химиявии Ленинобод ҳозира вилояти Суғд таъсис ёфта то соли 1956 чун шаҳри Сотсиалисти (Сотсгород) номбар мешуд. Аз 10 августи соли 1956 бо Фармони Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №122 ба шаҳри Чкалов номгузорӣ карда шудааст. масоҳати умумии шаҳр 29.7$км^2$, аз он шаҳри Бӯстон-10,7 $км^2$, Ҷамоати Палос-19,0 $км^2$ ро ташкил медиҳад. Аҳолиаш нисбати 1.01.2015с. 34,3 ҳазор нафар дар ҳудуди шаҳр 1 Ҷамоат ҷойгир аст, ки Палос ном дошта аҳолии он 1.01.2015сол 4.9 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Шаҳри Бӯстон шаҳри дустии миллатҳо мебошад, дар он намояндаҳои миллатҳои гуногун зиндагӣ ва кор мекунанд, тоҷикон (82%), ўзбекон (9,40%), русҳо (6,1%) ва дигар миллатҳо (0,9%) иборат аст.

Бӯстон шаҳри саноатӣ буда, дар он 24 корхонаи истеҳсоли саноатӣ ва 4 ташкилоти сохтмонӣ мавҷуд мебошад. Миқдори муассисаҳои томактабӣ -10 адад. Миқдори мактабҳои миёнаи маълумоти умуми -10 адад. Дар шаҳр як мактаби олӣ ва як колеҷи тарбияи ҷисмонӣ фаъолият доранд. Инчунин 2 китобхонаи оммавӣ ва 2 театр фаъолият мебаранд. Дар шаҳр 1 адад беморхонаи шаҳрӣ ва 1 адад муассисаи амбулаторӣ мавҷуд аст, ки дар он 200 нафар духтурон ва 348 кормандони миёнаи тиб фаъолият мебаранд. Дар шаҳр намояндагии 4 ҳизбҳои сиёсии кишвар фаъолият мебаранд. Аз ҷумла Ҳизби Халқии Демократии Точикистон, Ҳизби коммунисти Тоҷикистон , Ҳизби Аграрии Тоҷикистон, Ҳизби ислоҳоти иқтисоди Тоҷикистон мебошанд.

**Иқлим.** Иқлими шаҳр континентӣ, тобистонаш гарми хушк буда, зимистонаш начандон хунук, балки ҳатто мӯътадил аст. Иқлими шаҳр ба таъсирҳои гуногуни экологӣ, маҳалли ҷойгиршавӣ, ҳаракати атмосфера ва радиатсияи офтоб алоқаманд мебошад. Зуд-зуд тағйирёбии иқлими фаслҳои сол ва ҳатто шабона рӯз ба назар мерасад. Гоҳо зимистони хунук як бора ба баҳори сербориш табдил меёбад ва баъзан баҳор хеле гарм омада, тобистонро мемонад. Дар фасли тобистон боришот қариб тамоман ба амал намеояд.

**Вазъи демографии шаҳр**. То 1 январи соли 2015 аҳолии шаҳри Бӯстон 34300 нафар. Аз шумораи умумии аҳолӣ 16095 нафар мард ва 16359 нафар зан буда, суръати афзоиши солонаи аҳолӣ 1,5 фоиз.

## Ҷадвали шумораи аҳолии шаҳр

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Соли 2010 | Соли 2015 | Фарқият |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Аҳолӣ | Нафар | 28410 | 34300 | 5890 |
| 2 | Аз ҷумла, мард | нафар | 13890 | 16356 | 2466 |
| 3 | Зан | нафар | 14520 | 16634 | 2114 |
| 4 | Шумораи таваллудшудагон | нафар | 565 | 746 | 181 |
| 5 | Шумораи фавтидагон | нафар | 126 | 129 | 3 |
| 6 | Афзоиши табии аҳолӣ | нафар | 439 | 617 | 178 |
| 7 | Шумораи никоҳ | нафар | 188 | 211 | 23 |
| 8 | Шумораи талоқ | нафар | 63 | 67 | 4 |
| 9 | Миграция (омаду рафт) | нафар | 904 | 141 | -763 |
| 10 | Шумораи рафтагон | нафар | 594 | 816 | 222 |
| 11 | Шумораи омадагон | нафар | 1498 | 957 | -957 |

Зиёд шудани шумораи бекорон метавонад, дар оянда ба иқтисодиёти шаҳр таъсири манфӣ расонад. Барои паст намудани сатҳи бекорӣ ва таъмини аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ дар доираи Барномаи рушди шаҳр барқарор ва бунёд намудани корхонаи ресандагӣ, бофандагию дӯзандагӣ, инчунин корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар назар аст.

Соли 1991 аҳолии шаҳри Бӯстон 36,9 хазор нафарро ташкил медод. Мувофиқи баруйхатгирии аҳолии соли 2000-ум ин нишондиҳанда якҷоя бо шаҳраки Палос ба 24,5 ҳазор нафар расидааст. Аз соли 2005 пастшавии шумораи аҳолии боз истода, тамоюли баландшавии он ба назар мерасанд ва баъдан то соли 2015 шумораи аҳолӣ 34.3 нафар омада расид.

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | 2007 1997 | 2008 1998 | 2009 1999 | 2010 2000 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолӣ | нафар | 24,5 | 25 | 24,7 | 24,5 |
| Шумораи таваллуд | нафар | 332 | 279 | 304 | 356 |
| Шумораи вафот | нафар | 347 | 298 | 235 | 232 |
| Афзоиши табии аҳолӣ | нафар | -15 | -19 | 69 | 124 |
| Миқдори омадагон | нафар | 1482 | 1163 | 906 | 678 |
| Миқдори рафтагон | нафар | 2024 | 1439 | 1165 | 1026 |
| Муҳоҷирати аҳолӣ | нафар | 542 | 276 | 259 | 348 |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолӣ | Нафар | 24,2 | 24,3 | 24,4 | 24,6 | 24,8 | 25,3 | 25,7 | 26 | 27,7 | 28,4 |
| Шумораи таваллуд | Нафар | 401 | 460 | 379 | 384 | 428 | 509 | 546 | 537 | 564 | 592 |
| Шумораи вафот | Нафар | 258 | 261 | 235 | 230 | 219 | 225 | 199 | 219 | 126 | 210 |
| Афзоиши табии аҳолӣ | Нафар | 143 | 199 | 144 | 154 | 209 | 284 | 347 | 318 | 438 | 382 |
| Миқдори омадагон | Нафар | 762 | 959 | 1016 | 760 | 839 | 1015 | 1003 | 945 | 1835 | 1511 |
| Миқдори рафтагон | Нафар | 1156 | 1109 | 1032 | 774 | 856 | 976 | 1036 | 953 | 678 | 842 |
| Муҳоҷирати аҳолӣ | Нафар | 394 | 150 | 16 | 14 | 17 | -39 | 33 | 8 | -1157 | -669 |
| Афзоиш (%) | | 98,8 | 100,4 | 100,4 | 100,8 | 100,8 | 102,0 | 101,6 | 101,2 | 106,55 | 102,5 |

# БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ

## Соҳаи саноат

Саноат соҳаи пешбарандаи рушди иқтисодию иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, дар афзоиши ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят ҷои намоёнро ишғол мекунад. Дар соли 2015 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти санаотӣ бо назардошти ҳамаи хизматрасониҳои гуногун 82653,4 ҳазор сомониро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 19406,0 ҳазор сомонӣ ё 30,7 фоиз зиёд мебошад. Аз 46 намуди маҳсулотҳои асосии саноатӣ бо ифодаи аслӣ нисбати моҳҳои аслӣ нисбати моҳҳои январ-декабри соли 2015 истеҳсоли 33(71,7%) номгуй афзун гардида, аз рӯи 10 (21,7%) номгӯй паст фаромада аз рӯи 3(6,5%) тамоман истеҳсол нашудааст. Аз 24 корхонаи саноатӣ ҳамагӣ 14 корхона нисбати моҳҳои январ-декабри соли 2014 истеҳсоли маҳсулотӣ саноатиро зиёд намудаанд; ва нақша дорем ки то соли 2020-ро шумораи корхонаҳои саноатиро афзоиш дода, ҳаҷми маҳсулотҳои саноатиро зиёд намуда, ҷойҳои нави корӣ таъсис дода, сатҳи камбизоатиро паст намоем.

***Ҷадвали. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотӣ саноатӣ дар корхонаҳои саноатӣ тӯли солҳои 2010- 2015,*** **(ҳазор сомонӣ)**

| № | Нишондиҳандаҳо | Ҳаҷми истеҳсоли мамҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2010-2015 (ҳазор сомонӣ) | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2010 | 2015 | Фарқият | Суръати афзоиш бо % |
| 1 | КВД «Фулузоти нодири Тоҷикистон» | 4101,4 | 14857,9 | 10756,5 | 362% |
| 2 | КМ «Хуҷандз-Зил» | 442,0 | 3100,4 | 2658,4 | 701% |
| 3 | ҶСП «Евро-Азия 2015» | 439,9 | 669,8 | 229,9 | 152% |
| 4 | ҶДММ «Тамеко» | 0 | 13,2 | 13,2 | 0,0 |
| 5 | ҶДММ «Друҷба» | 56,5 | 0 | 0 | 0,0 |
| 6 | ҶДММ ШИИИ «Сомон энерҷи» | 0 | 6958,0 | 6958,0 | 0,0 |
| 7 | ҶДММ «Зинат» | 0 | 595,3 | 595,3 | 0,0 |
| 8 | ҶДММ «Элегант» | 0 | 2741,6 | 2741,6 | 0,0 |
| 9 | ҶДММ «Суғд Пак» | 0 | 2241,8 | 2241,8 | 0,0 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 10 | КФ «Корхонаи мошинсозӣ» | 0 | 1656,9 | 1656,9 | 0,0 |
| 11 | КФ «Заргарӣ» | 0 | 1794,1 | 1794,1 | 0,0 |
| 12 | КФ «Шаҳрсоз» | 0 | 189,7 | 189,7 | 0,0 |
| 13 | ҶДММ «Анҳор» | 0 | 7869,9 | 7869,9 | 0,0 |
| 14 | ҶДММ «Орди Суғд» | 0 | 10125,8 | 10125,8 | 0,0 |
| 15 | ҶДММ «Шириниҳои шарқ» | 0 | 40,1 | 40,1 | 0,0 |
| 16 | ҶДММ «Ҷилои Ҷавҳар» | 0 | 2320,8 | 2320,8 | 0,0 |
| 17 | ҶДММ «Грег» | 0 | 98,6 | 98,6 | 0,0 |
| 18 | ҶДММ «Акмали» | 0 | 116,8 | 116,8 | 0,0 |
| 19 | ҶДММ «Суғдаква Пласт» | 0 | 130,9 | 130,9 | 0,0 |
| 20 | ҶДММ «Зам-зам» | 0 | 154,6 | 154,6 | 0,0 |
| 21 | ҶДММ «Махсум иКо» | 0 | 69,5 | 69,5 | 0,0 |
| 22 | ҶДММ «Саҳи Хуҷанд» | 0 | 503,45 | 503,45 | 0,0 |
| 23 | ҶДММ «Довуд 2015» | 0 | 279,3 | 279,3 | 0,0 |
| 24 | ҶДММ «Баракат 2014» | 0 | 15 | 15 | 0,0 |
| 25 | ҶДММ «Шиддати барқ» | 0 | 0 | 0 | 0,0 |
| | **Ҳамагӣ** | **5039,8** | **56543,45** | **51503,0** | **1121** |

***Тибқи нақшаи дурнамо расонидани ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ то соли 2020 ба 145,5 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст***



Барои рушди минбаъдаи соҳаи саноат дар доираи Барномаи мазкур чораҳои зерин амалӣ карда мешаванд:
- сохтмони корхонаҳои нав бо назардошти ашёи хоми маҳаллӣ ва бозори истеъмолӣ;
- ба роҳ мондани истеҳсоли навъҳои нави маҳсулот дар корхонаҳои амалкунандаи шаҳр;
- дастгирӣ намудани ташаббусҳои соҳибкорон ва бахши хусусӣ ҷиҳати бунёду рушди истеҳсолоти саноатӣ дар шаҳр;

Манбаи асосии афзун гардонидани нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар шаҳр таъсиси корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ, аз ҷумла коркарди меваю сабзавот, бофандагию дӯзандагӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои сохтмонӣ ба шумор меравад. Дар ҳолати иҷро гардидани чорабиниҳои пешбинишуда зиёда аз 500 ҷойи нави корӣ таъсис дода мешавад. Шаҳри

Бӯстон яке аз шаҳрҳои саноатии вилоят маҳсуб ёфта, тӯли солҳои Истиқлолияти давлатӣ рӯ ба инкишоф ниҳодааст. Соли 1991 дар шаҳр танҳо 1 корхонаи саноатии КВД «Востокредмет» фаъолият дошт, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ин корхона 171,3 млн рублро ташкил медод. Ин нишондиҳанда дар соли аввали Истиқлолият 14,7 маротиба афзуда, шумораи корхонаҳои саноати ба 8 адад расид ва афзоиши корхонаҳои саноатӣ то соли 2015 ба 24 адад расид, ки ба маблағи 82653,4 ҳазор сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карда шуд. Соҳаи саноат яке аз қисмҳои таркибии саноати ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, дар он потенсиали калони истеҳсолӣ мавҷуд мебошад. Мақсади асосии рушди саноати шаҳр ташаккул ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот ва сатҳи техникии истеҳсолот, таъминии истеҳсоли маҳсулоти ба талаботи замон ҷавобгӯ бо истифодаи технологияи муосир барои бозори дохилӣ ва васеъ намудани номгӯй маҳсулот барои бозори беруна мебошад. Дар марҳилаи татбиқи нишондиҳандаҳои барнома дигаргунсозиҳои инстутсионалӣ идома ёфта, сиёсати ислоҳоти корхонаҳои саноат фаъолтар гардонида мешавад. Тибқи дурнамои пешбинишуда бо беҳтар намудани таъминоти корхонаҳо бо ашъёи хом ва истиифодабарии иқтидори истеҳсоли имконият медиҳад, ки то соли 2020 ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар корхонаҳои дорои шаклҳои гуногуни моликият бо нархи равон нисбати соли 2015-ум 140,0% зиёд шавад.

## Соҳибкории хурду миёна

Саҳми соҳибкори хурду миёна дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ сол то сол афзоиш ёфта, дар соли 2015 нисбати соли 2010 рушди соҳаи саноат 125 фоизро ташкил дод. Дар ин радиф нақши соҳибкорони хурду миёна дар таъмини бозори дохила бо маҳсулоти хӯрока ва саноатӣ хеле калон аст ва зиёда аз 50,0 фоизи таъмини бозори дохилӣ ба рушди онҳо вобаста мебошад. Рушди ҳунарҳои анъанавӣ инчунин метавонад дар беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолии шаҳр нақши бениҳоят калонро бозад. Дар давраи феълӣ барои самаронок истифодабарии иқтидорҳои мавҷудаи иқтисодии шаҳр чунин сиёсатро гузаронидан лозим аст, ки он ба фаъолсозии

рушди соҳибкории аҳолӣ барои намудҳои фаъолияти ғайри кишоварзӣ кӯмак расонида тавонад. Самти афзалиятнок бояд баланд бардоштани нақши саноат дар мустаҳкам намудани заминаи инкишофи  корхонаҳои хурд ва миёна ба ҳисоб равад.

Яке аз механизмҳои дар фаъолият будаи рушди саноати шаҳр ташкили намудҳои нави истеҳсолот ва эҳё намудани ҳунармандӣ, касбҳои анъанавӣ ва ба аҳолӣ омӯзонидани ихтисосҳои саноатӣ (аз қабили дузандагӣ, бофандагӣ ва ғайра) мебошад. Пешниҳоди хизматрасонӣ барои рушди СХМ. Барои дастгирии бахши хусусӣ дар ҳудуди шаҳр филиали бонкҳои тиҷоратӣ, ҶСК «Агроинвестбонк», ҶСК «Тоҷиксодиротбонк», ҶСП «Тоҷпромбонк», БДА ҶТ «Амонатбонк»,  хизмат мекунанд.

Ҳоло соҳибкорони шаҳр ба кӯмаки машваратии касбӣ оид ба масъалаҳои ташкил ва рушди тиҷорат (бахусус ба масъалаи баромадан ба бозори ҷаҳонӣ), таҷҳизоти лизингӣ ва техника, дастрасӣ ба иттилоот, ҳамчунин дастрасӣ ба сохторҳои кӯмакрасон (бизнес инкубатор, маркази бизнесӣ) ниёз доранд. Соҳибкорон дар шаҳр яке аз нерӯҳои бузург ва созанда маҳсуб меёбанд, ки аз дуруст ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо рушди минбаъдаи иқтисодиёти шаҳр вобастагии калон дорад. Дар шаҳр имкониятҳои зиёди ҳамкорӣ, иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва қувваи кории арзон мавҷуд мебошад, ки дар ин самт соҳибкорони ватанию хориҷӣ метавонанд фаъолияти худро самараноктар ба роҳ монанд. Илова бар ин ҳоло аксари занон ва духтарон дар хона бе кор мебошанд, ки метавон онҳоро тавассути ташкили корхонаҳои нав, барқарор ва ё ба кор даровардани корхонаҳои аз кор бозмонда ва ё васеъ намудани доираи фаъолияти корхонаҳои мавҷуда ба кор ҷалб намуд.

Дар ҳаҷми умумӣ савдои чакана фурӯши молҳои озуқа ба монанди гӯшт ва маҳсулоти гуштӣ, равғани растанӣ, орд, қанд ва маҳсулоти қанодӣ, аз молҳои ғайриозуқа бошад, маводи шустушӯӣ, молҳои хоҷагӣ, асбобу анҷоми рӯзғор ва ғайра афзалият дошт.

Дар давраи солҳои 2008-2015 ҳаҷми гардиши савдои чакана бо нархҳои амалӣ 2,1 маротиба ва ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ 2,5 маротиба зиёд хоҳад шуд.

Ба фаъолият шурӯъ намудани корхонаҳои саноатӣ кушода шудани мағозаҳо ба зиёд шудани ҷойҳои кори иловагӣ, даромади аҳолӣ, ҳаҷми савдои чакана ва хизматрасониҳои пулакӣ мусоидат менамоянд.

Ҳоло дар шаҳр 24 корхонаҳои саноатӣ фаъолият доранд. Корхонаҳои саноатии шаҳр дар даврони соҳибистиқлолии кишвар маҳсулоти худро ба талаботи замонави мутобиқ сохта, истеҳсол менамоянд. Соли 2010 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати 12,9 млн сомониро ташкил дод, ки ин нисбати соли 2000-ум 3,9 маротиба зиёд аст ва ин нишондиҳанда 2015 ба маблағи 82,6 млн сомонӣ маҳсулотҳои саноатӣ исетеҳсол карда шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2010 - 640 % зиёд мебошад.

## Соҳаи Савдо

Дар раванди сиёсати пешгирифтаи давлат оиди гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ яке аз стратегияи аввалиндараҷа ин мутобиқ гардонии дар соҳаи савдо такмил дода шуда, дар қаламрави шаҳр марказҳои савдо ва бозорҳои нав ташкил дода шудаанд. Ба ин васила як қисм шаҳрвандон бо ҷои корӣ таъмин карда шудаанрд. дар соли 2015 муасисаҳои савдои ҳамаи шаклҳои моликият ва шахсони воқеъ ба аҳоли ба маблағи 303831,7 ҳазор сомони мол фурухтанд, кӣ ин нисбати соли 2010 605% зиёд мебошад.

Дар Паёми навбатии Пешвои милат Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон ба Маҷлиси Оли Ҷумҳури Тоҷикистон омадааст, ки «Давлат ва ҳукумати кишвар таъмин намудани пешрафти соҳаи соҳибкориро яке аз самтҳои муҳими фаъолияти худ карор дода, барои дастгирии соҳибкорон, таъмини шароити мусоиди ташаккули соҳаа тавассути муқарар кардани имтиёзҳои мухталиф дар соҳаи андозбандиӣ, пардохти боҷии гумрукӣ, ҷорӣ намудани мораторий барои санҷиши фаҳолияти субектҳои соҳибкорӣ тамоми чораҳои заруриро амалӣ месозад».



## Сохтмон

Соҳаи сохтмон, ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳими бахши воқеии иқтисодиёт, дар пешбурди сатҳу сифати зиндагии мардум, таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ, амалӣ кардани ҳадафҳои рушди инсонӣ мавқеи ниҳоят муҳимро дорад. Аз ин лиҳоз дар шаҳри Бӯстон ба рушди соҳаи мазкур аҳамияти зарурӣ дода мешавад ва чунин муносибат ба сохтмон солҳои охир ниҳоят ҷиддӣ шуда истодааст. дар худи ҳами соли 2015-ум маблағгузори аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармояи асосӣ ба маблағи 32801,6 ҳазор сомони иҷро шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбати соли гузашта 50,6% зиёд мебошад. Дар моҳи январ-декабри соли 2015-ум ба маблағи 23690,2 ҳазор сомони фондҳои асосӣ ба кор андохташудааст,ки ин нисбати соли гузашта 2,8 маротиба зиёд мебошад. Корҳои пудратӣ аз тарафи корхона ва шахсони инфиродӣ ба маблағи 6787,0 ҳазор сомонӣ иҷро гардида нисбати соли гузашта 15,8% кам мебошад. Пешравиҳо дар сохаи сохтмони шаҳр низ дида мешаванд. Дар тулии 20 соли Истиикголияти давлати Ҷумхури Точикистон аз тарафи сохтмончиёни шаҳр якчанд иншоотҳои хизматрасониву иҷтимои, марказҳои савдо ва як мактаби замонави барои 1296 ҷой сохта ба истифода дода шуд

## Буҷет

Дар тули солҳои 2010-2015 роҳбарияти шаҳри Бӯстон, раёсати молия ва нозироти андози шаҳр ҷиҳати таъмини босифати қисми даромади буҷети умумидавлати ва маҳаллии шаҳр мунтазам тадбирҳои заруриро амали мегардониданд, ки дар натиҷаи он ҳачми даромадҳои умумидавлатии буҷети шаҳр дар соли 2015 нисбати соли 2010 бенҳоят афзуд.

Таҳлили афзоиши нақша ва иҷроиши қисми даромади умумӣ
ва маҳаллаи буҷети шаҳри Бӯстон барои солҳои 2010-2015

| *Номгуи даромадхо* | ***Контингенти 2010 сол*** | | | | | | ***Буҷети маҳаллии 2010 сол*** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *нақша* | *нисбати 2009 бо маблағ* | *нисбати 2009 бо фоиз* | *иҷроиш* | *нисбати 2009 бо маблағ* | *нисбати 2009 бо фоиз* | *нақша* | *нисбати 2009 бо маблағ* | *нисбати 2009 бо фоиз* | *иҷроиш* | *нисбати 2009 бо маблағ* | *нисбати 2009 бо фоиз* |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Андоз аз арзиши иловашуда* | 2643359 | 254783 | 110,67 | 2945918 | 1158779 | 164,84 | 528672 | 289815 | 221,33 | 589184 | 410470 | 329,7 |
| *Аксизхо* | 420582 | -171637 | 71,02 | 128224 | -224483 | 36,35 | 168233 | 109012 | 284,08 | 51289 | 16018 | 145,4 |
| *Андози фоида аз шахсони хукуки* | 861660 | -117574 | 87,99 | 878240 | 131700 | 117,64 | 172332 | 74409 | 175,99 | 175649 | 100995 | 235,3 |
| *Андози даромад аз шахсони вокеъ* | 2309917 | 412114 | 121,72 | 2399343 | 313637 | 115,04 | 577479 | -120962 | 82,68 | 599836 | -171876 | 77,7 |
| *Андози замин* | 130018 | 14742 | 112,79 | 147435 | 22946 | 118,43 | 130018 | 14742 | 112,79 | 147435 | 22946 | 118,4 |
| *Андоз аз истифодаи рохи авто.* | 1013842 | 30108 | 103,06 | 1048675 | -433888 | 70,73 | 202768 | 6022 | 103,06 | 209736 | -86777 | 70,7 |
| *Андоз сис. Соддакардашуда* | 1033960 | 508853 | 196,90 | 1108832 | 272130 | 132,52 | 599697 | 74590 | 114,20 | 643123 | -193579 | 76,9 |
| *Андоз барои истиф,зах,табии* | 13467 | -5464 | 71,14 | 29175 | 6706 | 129,85 | 13467 | -5464 | 71,14 | 29175 | 6706 | 129,8 |
| *Андози хадди акал аз даром,корх.* | 1502684 | 479692 | 146,89 | 1523762 | -87195 | 94,59 | 302694 | -720298 | 29,59 | 304753 | -1306204 | 18,9 |
| *Андоз аз фуруши чакана* | 1921492 | 815290 | 173,70 | 2606489 | 1064549 | 169,04 | 1921492 | 815290 | 173,70 | 2606489 | 1064549 | 169,0 |
| *Бочи давлати* | 323340 | 252 | 100,08 | 450577 | 118690 | 135,76 | 323340 | 252 | 100,08 | 450577 | 118690 | 135,8 |
| *Андоз аз моликияти гайриманкул* | 662555 | 34875 | 105,56 | 713466 | 56988 | 108,68 | 662555 | 34875 | 105,56 | 713466 | 56988 | 108,7 |
| *Андоз аз сохиби воситаи наклиёт* | 440174 | 78145 | 121,59 | 449342 | 76228 | 120,43 | 440174 | 78145 | 121,59 | 449342 | 76228 | 120,4 |
| *Иҷозат. барои фаъол. тиҷ ва касбӣ* | 659652 | 114088 | 120,91 | 764645 | 213429 | 138,72 | 659652 | 114088 | 120,91 | 764645 | 213429 | 138,7 |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Дигар пардохтхои хатм.махалли* | 476296 | 100940 | 126,89 | 604285 | 153290 | 133,99 | 476296 | 100940 | 126,89 | 604285 | 153290 | 134,0 |
| ***Ҷамъи даромадхо*** | **14412998** | **2549207** | **121,49** | **15798408** | **2843506** | **121,95** | **7178869** | **865456** | **113,71** | **8338984** | **481873** | **106,1** |

| *Номгуи даромадхо* | ***Контингенти 2011 сол*** | | | | | | ***Буҷети маҳаллии 2011 сол*** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *нақша* | *нисбати 2010 бо маблағ* | *нисбати 2010 бо фоиз* | *иҷроиш* | *нисбати 2010 бо маблағ* | *нисбати 2010 бо фоиз* | *нақша* | *нисбати 2010 бо маблағ* | *нисбати 2010 бо фоиз* | *иҷроиш* | *нисбати 2010 бо маблағ* | *нисбати 2010 бо фоиз* |
| *Андоз аз арзиши иловашуда* | 2742442 | 99083 | 103,75 | 3995426 | 1049508 | 135,63 | 274244 | -254428 | 51,87 | 399543 | -189641 | 67,8 |
| *Аксизхо* | 221697 | -198885 | 52,71 | 266246 | 138022 | 207,64 | 221697 | 53464 | 131,78 | 266246 | 214957 | 519,1 |
| *Андози фоида аз шахсони хукуки* | 802045 | -59615 | 93,08 | 803857 | -74383 | 91,53 | 160409 | -11923 | 93,08 | 160772 | -14877 | 91,5 |
| *Андози даромад аз шахсони вокеъ* | 3446492 | 1136575 | 149,20 | 3737878 | 1338535 | 155,79 | 1003456 | 425977 | 173,76 | 1083985 | 484149 | 180,7 |
| *Андози замин* | 163332 | 33314 | 125,62 | 165905 | 18470 | 112,53 | 163332 | 33314 | 125,62 | 165905 | 18470 | 112,5 |
| *Андоз аз истифодаи рохи авто.* | 1062984 | 49142 | 104,85 | 1135648 | 86973 | 108,29 | 106298 | -96470 | 52,42 | 113565 | -96171 | 54,1 |
| *Андоз сис. соддакардашуда* | 977891 | -56069 | 94,58 | 1059658 | -49174 | 95,57 | 127126 | -472571 | 21,20 | 137756 | -505367 | 21,4 |
| *Андоз барои истиф,зах,табии* | 27875 | 14408 | 206,99 | 40425 | 11250 | 138,56 | 27875 | 14408 | 206,99 | 40424 | 11249 | 138,6 |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Андози хадди акал аз дaром,корх.* | 1600754 | 98070 | 106,53 | 1783078 | 259316 | 117,02 | 160075 | -142619 | 52,88 | 178308 | -126445 | 58,5 |
| *Андоз аз фуруши чакана* | 3000995 | 1079503 | 156,18 | 3280039 | 673550 | 125,84 | 3000995 | 1079503 | 156,18 | 3280039 | 673550 | 125,8 |
| *Бочи давлати* | 547558 | 224218 | 169,34 | 618865 | 168288 | 137,35 | 547558 | 224218 | 169,34 | 618865 | 168288 | 137,3 |
| *Андоз аз моликияти гайриманкул* | 920643 | 258088 | 138,95 | 976073 | 262607 | 136,81 | 920643 | 258088 | 138,95 | 976073 | 262607 | 136,8 |
| *Андоз аз сохиби воситаи наклиёт* | 480174 | 40000 | 109,09 | 480858 | 31516 | 107,01 | 480174 | 40000 | 109,09 | 480858 | 31516 | 107,0 |
| *Дигар пардохтхои хатм.махалли* | 590118 | -69534 | 123,90 | 1014403 | 249758 | 167,87 | 590118 | -69534 | 123,90 | 1014403 | 249758 | 167,9 |
| ***Ҷамъи даромадхо*** | **16585000** | **2648298** | **115,07** | **19358359** | **4164236** | **122,53** | **7784000** | **1081427** | **108,43** | **8916742** | **1182043** | **106,9** |

| *Номгуи даромадхо* | ***Контингенти 2012 сол*** | | | | | | ***Буҷети маҳаллии 2012 сол*** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *нақша* | *нисбати 2011 (бо маблағ)* | *нисбати 2011 (бо фоиз)* | *иҷроиш* | *нисбати 2011 (бо маблағ)* | *нисбати 2011 (бо фоиз)* | *нақша* | *нисбати 2011 (бо маблағ)* | *нисбати 2011 (бо фоиз)* | *иҷроиш* | *нисбати 2011 (бо маблағ)* | *нисбати 2011 (бо фоиз)* |
| *Андоз аз арзиши иловашуда* | 3422538 | 680096 | 124,8 | 3863405 | -132021 | 96,7 | 342254 | 68010 | 124,8 | 386341 | -13202 | 96,7 |
| *Аксизхо* | 88639 | -133058 | 40,0 | 90778 | -175468 | 34,1 | 88639 | -133058 | 40,0 | 90778 | -175468 | 34,1 |
| *Андози фоида аз шахсони хукуки* | 671406 | -130639 | 83,7 | 710769 | -93088 | 88,4 | 67141 | -93268 | 41,9 | 71077 | -89695 | 44,2 |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Андози даромад аз шахсони вокеъ* | 4711266 | 1264774 | 136,7 | 4836031 | 1098153 | 129,4 | 3533450 | 2529994 | 352,1 | 3622431 | 2538446 | 334,2 |
| *Андози замин* | 156483 | -6849 | 95,8 | 160140 | -5765 | 96,5 | 156483 | -6849 | 95,8 | 160140 | -5765 | 96,5 |
| *Андоз аз истифодаи рохи авто.* | 1173082 | 110098 | 110,4 | 1408627 | 272979 | 124,0 | 117308 | 11010 | 110,4 | 140863 | 27298 | 124,0 |
| *Андоз сис. соддакардашуда* | 1054891 | 77000 | 107,9 | 1090300 | 30642 | 102,9 | 105489 | -21637 | 83,0 | 109030 | -28726 | 79,1 |
| *Андоз барои истиф,зах,табии* | 71686 | 43811 | 257,2 | 74742 | 34317 | 184,9 | 71686 | 43811 | 257,2 | 74742 | 34318 | 184,9 |
| *Андози хадди акал аз даром,корх.* | 2162742 | 561988 | 135,1 | 2290077 | 506999 | 128,4 | 216274 | 56199 | 135,1 | 238709 | 60401 | 133,9 |
| *Андоз аз фуруши чакана* | 3260273 | 259278 | 108,6 | 3690355 | 410316 | 112,5 | 1874282 | -1126713 | 62,5 | 2140406 | -1139633 | 65,3 |
| *Бочи давлати* | 682338 | 134780 | 124,6 | 688919 | 70054 | 111,3 | 682338 | 134780 | 124,6 | 688919 | 70054 | 111,3 |
| *Андоз аз моликияти гайриманкул* | 1375760 | 455117 | 149,4 | 1416841 | 440768 | 145,2 | 1375760 | 455117 | 149,4 | 1416841 | 440768 | 145,2 |
| *Андоз аз сохиби воситаи наклиёт* | 805788 | 325614 | 167,8 | 810087 | 329229 | 168,5 | 805788 | 325614 | 167,8 | 810087 | 329229 | 168,5 |
| *Дигар пардохтхои хатм.махалли* | 763108 | 172990 | 129,3 | 826325 | -188078 | 81,5 | 763108 | 172990 | 129,3 | 826325 | -188078 | 81,5 |
| ***Чамъи даромадхо*** | **20400000** | **3815000** | **123,0** | **21957396** | **2599037** | **113,4** | **10200000** | **2416000** | **131,0** | **10776689** | **1859947** | **120,9** |

| *Номгуи даромадхо* | *Контингенти 2013 сол* | | | | | | *Буҷети маҳаллии 2013 сол* | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *нақша* | *нисбати 2012 (бо маблағ)* | *нисбати 2012 (бо фоиз)* | *иҷроиш* | *нисбати 2012 (бо маблағ)* | *нисбати 2012 (бо фоиз)* | *нақша* | *нисбати 2012 (бо маблағ)* | *нисбати 2012 (бо фоиз)* | *иҷроиш* | *нисбати 2012 (бо маблағ)* | *нисбати 2012 (бо фоиз)* |
| *Андоз аз арзиши иловашуда* | 6333676 | 2911138 | 185,1 | 6610917 | 2747512 | 171,1 | 6333676 | 5991422 | 1850,6 | 6610917 | 6224576 | 1711,2 |
| *Аксизхо* | 69000 | -19639 | 77,8 | 75799 | -14979 | 83,5 | 69000 | -19639 | 77,8 | 75799 | -14979 | 83,5 |
| *Андози фоида аз шахсони хукуки* | 3119030 | 2447624 | 464,6 | 4953472 | 4242703 | 696,9 | 1372373 | 1305232 | 2044,0 | 1657424 | 1586347 | 2331,9 |
| *Андози даромад аз шахсони вокеъ* | 6124645 | 1413379 | 130,0 | 4653907 | -182124 | 96,2 | 611740 | -2921710 | 17,3 | 466091 | -3156340 | 12,9 |
| *Андози замин* | 176483 | 20000 | 112,8 | 180121 | 19981 | 112,5 | 176483 | 20000 | 112,8 | 180121 | 19981 | 112,5 |
| *Андоз аз истифодаи рохи авто.* | 1786654 | 613572 | 152,3 | 2311072 | 902445 | 164,1 | 321598 | 204290 | 274,1 | 407702 | 266839 | 289,4 |
| *Андоз сис. соддакардашуда* | 3332030 | 2277139 | 315,9 | 3394280 | 2303980 | 311,3 | 899648 | 794159 | 852,8 | 746012 | 636982 | 684,2 |
| *Андоз барои истиф,зах,табии* | 51000 | -20686 | 71,1 | 54889 | -19853 | 73,4 | 51000 | -20686 | 71,1 | 54889 | -19853 | 73,4 |
| *Андози хадди акал аз даром,корх.* | 0 | -2162742 | 0,0 | 0 | -2290077 | 0,0 | 0 | -216274 | 0,0 | 0 | -238709 | 0,0 |
| *Андоз аз фуруши чакана* | 0 | -326027 | 0,0 | 0 | -369035 | 0,0 | 0 | -1874282 | 0,0 | 0 | -214040 | 0,0 |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 3 | | | 5 | | | | | | 6 | |
| *Бочи давлати* | 701960 | 19622 | 102,9 | 711697 | 22778 | 103,3 | 701960 | 19622 | 102,9 | 711697 | 22778 | 103,3 |
| *Андоз аз моликияти гайриманкул* | 1862517 | 486757 | 135,4 | 1870155 | 453314 | 132,0 | 1862517 | 486757 | 135,4 | 1870155 | 453314 | 132,0 |
| *Андоз аз сохиби воситаи наклиёт* | 900000 | 94212 | 111,7 | 927846 | 117759 | 114,5 | 900000 | 94212 | 111,7 | 927846 | 117759 | 114,5 |
| *Дигар пардохтхои хатм.махалли* | 543005 | -220103 | 71,2 | 545899 | -280426 | 66,1 | 543005 | -220103 | 71,2 | 545899 | -280426 | 66,1 |
| ***Чамъи даромадхо*** | **25000000** | **4600000** | **122,5** | **26290054** | **4332658** | **119,7** | **13843000** | **3643000** | **135,7** | **14254552** | **3477863** | **132,3** |

| *Номгуи даромадхо* | ***Контингенти 2014 сол*** | | | | | | ***Буҷети маҳаллии 2014 сол*** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *нақша* | *нисбати 2013 (бо маблағ)* | *нисбати 2013 (бо фоиз)* | *иҷроиш* | *нисбати 2013 (бо маблағ)* | *нисбати 2013 (бо фоиз)* | *нақша* | *нисбати 2013 (бо маблағ)* | *нисбати 2013 (бо фоиз)* | *иҷроиш* | *нисбати 2013 (бо маблағ)* | *нисбати 2013 (бо фоиз)* |
| *Андоз аз арзиши иловашуда* | 6300000 | -33676 | 99,5 | 5509817 | -1101100 | 83,3 | 2341913 | -3991763 | 37,0 | 2038633 | -4572284 | 30,8 |
| *Аксизхо* | 80000 | 11000 | 115,9 | 117078 | 41279 | 154,5 | 80000 | 11000 | 115,9 | 117078 | 41279 | 154,5 |
| *Андози фоида аз шахсони хукуки* | 6092930 | 2973900 | 195,3 | 7273452 | 2319980 | 146,8 | 2254384 | 882011 | 164,3 | 2688504 | 1031080 | 162,2 |
| *Андози даромад аз шахсони вокеъ* | 6650000 | 525355 | 108,6 | 6570577 | 1916670 | 141,2 | 4869000 | 4257260 | 795,9 | 4791044 | 4324953 | 1027,9 |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Андози замин* | 120000 | -56483 | 68,0 | 148647 | -31474 | 82,5 | 120000 | -56483 | 68,0 | 148647 | -31474 | 82,5 |
| *Андоз аз истифодаи рохи авто.* | 2146615 | 359961 | 120,1 | 2591648 | 280576 | 112,1 | 794248 | 472650 | 247,0 | 958904 | 551202 | 235,2 |
| *Андоз сис. соддакардашуда* | 4000000 | 667970 | 120,0 | 4841597 | 1447317 | 142,6 | 2000000 | 1100352 | 222,3 | 2420798 | 1674786 | 324,5 |
| *Андоз барои истиф,зах,табии* | 130000 | 79000 | 254,9 | 141397 | 86508 | 257,6 | 130000 | 79000 | 254,9 | 141397 | 86508 | 257,6 |
| *Андози хадди акал аз даром,корх.* | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| *Андоз аз фуруши чакана* | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| *Бочи давлати* | 700455 | -1505 | 99,8 | 700508 | -11189 | 98,4 | 700455 | -1505 | 99,8 | 700508 | -11189 | 98,4 |
| *Андоз аз моликияти гайриманкул* | 1880000 | 17483 | 100,9 | 1952417 | 82262 | 104,4 | 1880000 | 17483 | 100,9 | 1952417 | 82262 | 104,4 |
| *Андоз аз сохиби воситаи наклиёт* | 950000 | 50000 | 105,6 | 1043491 | 115645 | 112,5 | 950000 | 50000 | 105,6 | 1043491 | 115645 | 112,5 |
| *Дигар пардохтхои хатм.махалли* | 700000 | 156995 | 128,9 | 869190 | 323291 | 159,2 | 700000 | 156995 | 128,9 | 869190 | 323291 | 159,2 |
| ***Чамъи даромадхо*** | **29750000** | **4750000** | **119,0** | **31759819** | **5469765** | **120,8** | **16820000** | **2977000** | **121,5** | **17870611** | **3616059** | **125,4** |

| *Номгуи даромадхо* | ***Контингенти 2015 сол*** | | | | | | ***Буҷети маҳаллии 2015 сол*** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *нақша* | *нисбати 2014 (бо маблағ)* | *нисбати 2014 (бо фоиз)* | *иҷроиш* | *нисбати 2014 (бо маблағ)* | *нисбати 2014 (бо фоиз)* | *нақша* | *нисбати 2014 (бо маблағ)* | *нисбати 2014 (бо фоиз)* | *иҷроиш* | *нисбати 2014 (бо маблағ)* | *нисбати 2014 (бо фоиз)* |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Андоз аз арзиши иловашуда* | 7061000 | 761000 | 112,1 | 7288144 | 1778327 | 132,3 | 3389280 | 1047367 | 144,7 | 3498309 | 1459676 | 171,6 |
| *Аксизхо* | 115000 | 35000 | 143,8 | 157505 | 40427 | 134,5 | 115000 | 35000 | 143,8 | 157505 | 40427 | 134,5 |
| *Андози фоида аз шахсони хукуки* | 8169000 | 2076070 | 134,1 | 8314098 | 1040646 | 114,3 | 3921560 | 1667176 | 174,0 | 3990767 | 1302263 | 148,4 |
| *Андози даромад аз шахсони вокеъ* | 8230000 | 1580000 | 123,8 | 8259596 | 1689019 | 125,7 | 3950400 | -918600 | 81,1 | 3964606 | -826438 | 82,8 |
| *Андози замин* | 140000 | 20000 | 116,7 | 161854 | 13207 | 108,9 | 140000 | 20000 | 116,7 | 161854 | 13207 | 108,9 |
| *Андоз аз истифодаи рохи авто.* | 1400000 | -746615 | 65,2 | 1547368 | -1044280 | 59,7 | 714000 | -80248 | 89,9 | 788888 | -170016 | 82,3 |
| *Андоз сис. соддакардашуда* | 5387000 | 1387000 | 134,7 | 5928764 | 1087167 | 122,5 | 2585760 | 585760 | 129,3 | 2845130 | 424332 | 117,5 |
| *Андоз барои истиф,зах,табии* | 160000 | 30000 | 123,1 | 161364 | 19967 | 114,1 | 160000 | 30000 | 123,1 | 161364 | 19967 | 114,1 |
| *Андози хадди акал аз даром,корх.* | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| *Андоз аз фуруши чакана* | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| *Бочи давлати* | 755000 | 54545 | 107,8 | 756912 | 56404 | 108,1 | 755000 | 54545 | 107,8 | 756912 | 56404 | 108,1 |
| *Андоз аз моликияти гайриманкул* | 2252000 | 372000 | 119,8 | 2059236 | 106819 | 105,5 | 2252000 | 372000 | 119,8 | 2059236 | 106819 | 105,5 |
| *Андоз аз сохиби воситаи наклиёт* | 1025000 | 75000 | 107,9 | 1538443 | 494952 | 147,4 | 1025000 | 75000 | 107,9 | 1538443 | 494952 | 147,4 |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Дигар пардохтхои хатм.махалли* | 806000 | 106000 | 115,1 | 972319 | 103129 | 111,9 | 806000 | 106000 | 115,1 | 972319 | 103129 | 111,9 |
| ***Чамъи даромадхо*** | **35500000** | **5750000** | **119,3** | **37145603** | **5385784** | **117,0** | **19814000** | **2994000** | **117,8** | **20895333** | **3024722** | **116,9** |

## БОБИ 3. ИҶТИМОЁТ
### Соҳаи маориф.

Соҳаи маориф ҳамчун омили муҳими рушди инсон барои ноил гардидан ба як қатор мақсадҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва башардӯстона нақши муҳим мебозад. Идоракунии системаи маориф дар сатҳи маҷаллӣ бо мақсади сабукгардонии таъмини дастрасии маълумоти хушсифат равона гардида, айни замон ҷиҳати ноил гардидан ба баробарии гендерии ҳамаи қишрҳои аҳолӣ ба ислоҳоти бунёдӣ эҳтиёҷ дорад. Барои бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва ба талаботи имрӯза мутобиқ намудани шароити таҳсил ва сифати дониши хонандагон корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим аст. Таъмини иҷрои барномаи мазкур дар шаҳри Бӯстон таконе барои рушди ин соҳа хоҳад буд. Баҳри самаранок ва бо сифатнок татбиқ намудани сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи маҳал дар доираи Барномаи рушд вазифаҳои зеринро ба анҷом расонидан лозим аст, беҳтар намудани дастрасӣ (махсусан кӯдакон аз оилаҳои камбизоат ва табақаҳои осебпазири аҳолӣ) ба маълумоти томактабӣ, миёна, миёнаи махсус ва олӣ ва дар ин замина таъмин намудани маълумоти фарогир;

Дар маркази диққати шуъбаи маориф иҷрои супоришу дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯриҳо бо зиёиёни мамлакат, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009, №254 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 сентябри соли 2014, №411 «Дар бораи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2010, №416 «Барномаи давлатии компютеркунонии мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015», оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №207 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар ҳуҷҷатҳои қабулгардидаи соҳа, баланд бардоштани сифати дониши хонандагон, назорати доимии раванди таҳсилот дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ меистанд.

Маъориф мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр дар давраи ҳисоботӣ фаъолияти худро барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи муассисаҳои томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва интернатҳои бачаҳо, муассисаҳои маълумоти иловагӣ барои бачаҳоро дар бар мегирад. Зиёд намудани ҳавасмандгардонии моддию маънавии кадрҳои маҳаллӣ ҷиҳати ҷалби хатмкунандагони мактабҳои олӣ барои кор кардан дар мактабҳо мусоидат хоҳад намуд. Тибқи нақшаи корӣ ҳар сол аз рӯи квотаи президентӣ хонандагони болаёқат ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ дохил мешаванд. Таҳлили дар боло овардашуда нишон медиҳад, ки шумораи хонандагон сол ба сол дар муассисаҳои таълимии афзоиш ёфта истодааст, ки ба афзоиши пайвастаи аҳолӣ ва дар ин замина бунёд шудани маҳаллаҳои нав алоқаманд мебошад. Афзоиши доимии аҳолӣ ба норасогии ҷойҳои нишаст дар муассаҳои таълимӣ оварда расонидааст.

- зиёда аз 346 м2 ё худ 100 фоизи муассисаҳои таълимӣ ва томактабӣ шишабандӣ карда шуда, 36 $м^3$ ҳезум ё худ 100 фоиз ва 39 тонна ангиштсанг ё худ 102,6 фоиз дар муассисаҳои соҳаи маориф захира карда шудааст;

### ***Нишондиҳандаҳои соҳаи маориф***

| Номгуи нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | 2000 | 2001 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи мактабҳо | адад | 8 | 8 | 8 | 8 | 8 | 8 | 8 | 8 | 8 | 9 | 9 |
| Дар он хонандагон | аафар | 5078 | 5273 | 5396 | 5353 | 5435 | 5844 | 5945 | 6002 | 6200 | 7038 | 7238 |
| Муассисаҳои то мактабӣ | адад | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 5 |
| Дар он бачагон | нафар | 479 | 515 | 653 | 569 | 710 | 721 | 790 | 919 | 925 | 955 | 100 |
| Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касби | адад | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Дар он донишҷуён | нафар | 523 | 749 | 765 | 680 | 900 | 852 | 641 | 152 | 180 | 168 | 170 |
| Муассисаҳои олии касбӣ | адад | | | | | | | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дар он донишчуён | нафар | | | | | | | 343 | 722 | 1212 | 1481 | 1920 |
| Шумораи миёнаи кормандон | нафар | 648 | 644 | 680 | 714 | 669 | 652 | 711 | 639 | 831 | 746 | 749 |
| САПТ | нафар | 99 | 109 | 95 | 82 | 84 | 75 | 110 | 60 | 275 | 173 | 175 |
| Шуъбаи маориф | нафар | 495 | 481 | 527 | 573 | 536 | 523 | 547 | 513 | 490 | 510 | 520 |
| Мактаби интернат | нафар | 54 | 54 | 58 | 59 | 49 | 54 | 54 | 66 | 66 | 63 | 47 |
| Музди миёнаи маоши кормандон | сомонӣ | 144,8 | 24,8 | 36,2 | 40,8 | 57,7 | 82,3 | 106,3 | 156 | 151,6 | 253 | 307 |
| САПТ | сомонӣ | 2,9 | 26,8 | 33,6 | 45,9 | 54,2 | 85,8 | 126,2 | 322,6 | 125,8 | 393 | 518 |
| Шуъбаи маориф | сомонӣ | 16,89 | 24,2 | 36,9 | 39,7 | 57,1 | 80,8 | 101,5 | 143,2 | 170,3 | 218,7 | 247 |
| Мактаб интернат | сомонӣ | 17,71 | 26,2 | 36,9 | 44,5 | 69,8 | 92,6 | 97,3 | 99,4 | 119,8 | 144,5 | 199 |

**Ҷиҳатҳои мусбии фаъолияти шуъбаи маориф:**

- Муассисаҳои таълимӣ ва томактабии шаҳр базаи моддӣ-техникии хуб доранд, шароити хуби таълимӣ ва тарбиявӣ муҳайё карда шудааст. Маркази таълимии касбинтихобкунӣ ва маркази таҳсилоти иловагӣ дар шаҳри Бӯстон ва шаҳраки Палос фаъолият мебаранд;
- шумораи умумии компютерҳо дар нуҳ моҳи соли 2015 ба 242 адад расид, ки нисбат ба охири соли гузашта 10 адад зиёд буда, ба 12,5 нафар хонанда 1 адад компютер рост меояд;
- музди маоши кормандони соҳаи маорифи шаҳр ҳар моҳ саривақт пардохт карда мешавад;
- ҳамаи муассисаҳои таълимӣ, ба ғайр аз мактаби таҳсилоти умумии №11 ҷамоати шаҳраки Палос дорои сертификати замин ва паспорти техникӣ мебошанд;

- танҳо барои таъмири муассисаҳои таълимӣ ва томактабии шаҳр (бо ҳисоби умумӣ) дар нӯҳ моҳи соли 2015 зиёда аз 77841,00 сомонӣ хароҷот карда шуд;

- шуъбаи маорифи шаҳр ва ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ва томактабӣ бо камераҳои мушоҳидавӣ муҷаҳҳаз гардиданд;

- 60%-и муассисаҳои таълимии шаҳр давра ба давра ба оинаҳои пластикии ҳозиразамон иваз карда шуданд;

- дар асоси аризаи истиқоматкунандаи шаҳри Бӯстон , кӯчаи 1-май хонаи 3/82, шаҳрванди Ҷумҳурии Халқии Хитой Зайнур Маймат, фарзанди ноболиғаш Худойберди Зикрулло, соли таваллудаш 06.02.2007, ки аз таҳсил берун монда буд, ба синфи якуми муассисаи таҳсилоти умумии № 4 қабул карда шуд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон барои амалӣ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2010, №223, қарори Раиси вилояти Суғд аз 18.08.2010 №286, «Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимию тадқиқотӣ барои солҳои 2011-2015» ва мактуби Вазорати маориф ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.08.2014, №06\1-831 оиди харидорӣ намудани кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳазӣ таълиму дар муассисаҳои таълимии шаҳр дар ду соли оянда тибқи ҷадвали зерин тартиб дод.

**Барои соли таҳсили 2014-2015**

| т\р | Рақами муассиса | Кабинетҳои фаннӣ | Озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ | Маблағ | Сарчашма |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Литсейи №1 | Кабинети химия | Озмоишгоҳи Химия | 5172 | Буҷаи маҳаллӣ |
| 2 | Гимназияи №1 | Кабинети биология | Озмоишгоҳи биология | 3660 | Суратҳисоби махсуси мактаб |
| 3 | МТМУ №3 | Кабинети физика | Озмоишгоҳи Физика | 7758 | Суратҳисоби махсуси мактаб |
| 4 | МТМУ №4 | Кабинети технологияи информатсионӣ | - | 900 | Суратҳисоби махсуси мактаб |
| 5 | МТМУ №11 | математика | - | 4060 | Буҷаи маҳаллӣ |

**Барои соли таҳсили 2015-2016**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Гимназияи №1 | Кабинети технологияи информатсионӣ | Озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ | 2000 | Буҷаи маҳаллӣ |
| 2 | Гимназияи №2 | Химия | - | 4000 | Буҷаи маҳаллӣ |
| 3 | Литсейи №1 | География | - | 430 | Суратҳисоби махсуси мактаб |
| 4 | МТМУ №3 | биология | - | 4000 | Суратҳисоби махсуси мактаб |
| 5 | МТМУ №4 | Физика | - | 12000 | Буҷаи маҳаллӣ |
| 6 | МТМУ №10 | Математика | - | 3000 | Буҷаи маҳаллӣ |

Муҷаҳҳаз намудани кабинетҳои фаннӣ бо аёниятҳои замонавӣ ва техникӣ ҳамчун талаботи замони муосир таҳти назорати доимии шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр қарор дода шуда, баҳри амалишавии Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимию тадқиқотӣ тадбирҳои судманд андешида мешавад.

## Соҳаи тандурустӣ

Соҳаҳои тандурустӣ яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятнок барои беҳбудии саломатии аҳолӣ маҳсуб меёбад. Дар фасли мазкур самтҳои афзалиятноки сиёсатро дар бахши тандурустӣ ва талаботи молиявие, ки барои ба эътидол омадани асосҳои системаи ёрии тиббию беҳдоштии аввалия ногузиранд, равшан сохта, чунин зерсохторҳоро, аз қабили миқдори марказҳои саломатӣ, ҳолати саломатии аҳолӣ, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии тиббӣ, мушкилии бахши тандурустӣ ва роҳҳои ноил шудан ба беҳдошти соҳаи марбута фаро мегирад. Ташфиқ, пешбурд ва ташаккули тарзи ҳаёти солим яке аз омилҳои асосӣ ва муҳими беҳбуди бахшидан ба нишондиҳандаҳои марбут ба пешбурди дурусти ҳаёт аст. Сари вақт ва бо сифат гузаронидани чорабиниҳои иттилоотию тавзеҳӣ дар миёни аҳолӣ, ки ба дарки мафҳумҳое чун танзими оила, талқини малакаҳои гигиенӣ ва тағйирёбии меъёрҳои ахлоқӣ мусоидат мекунад, унсурҳои асосии ташаккули тарзи солими зиндагӣ дар шаҳр ба ҳисоб меравад. Мувофиқи арзёбиҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии

амалкунанда ҳоло нишондиҳандаҳои миёнаи дарознокии умр 62-73 сол, аз ҷумла барои мардон 55 - 62 сол ва барои занон 66 - 73 сол мебошад.

Беморхонаи шаҳрии шаҳри Бӯстон дорои 275 кати бистарӣ ва 16 шӯъбаҳои муоличавӣ мебошад. Дар беморхонаи шаҳрии ш. Бӯстон 314 - нафар кормандон фаъолият менамоянд, ки аз онҳо 47-нафар табибон, 133-нафар ҳамшираҳои тиббӣ, 94 - нафар ҳамшираҳои хурди тиббӣ ташкил медиҳанд. Дараҷанокии табибон 83%, дараҷанокии ҳамшираҳои тиббӣ 73%-ро ташкил медиҳад. Кормандони беморхонаи шаҳрии ш. Бӯстон барои дар амал тадбиқ намудани барномаҳои «Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020», «Консепсияи ислоҳоти соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар барномаҳои соҳавию фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Раиси вилояти Суғд ва шаҳри Бӯстон бахри беҳдошти вазъи сиҳатии омма, баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ дар асоси нақшаи тасдиқгардида тадбирҳои мушахассро дар амал тадбиқ намуда истодаанд. Дар соли 2015 барои беморхонаи шаҳрии ш. Бӯстон аз ҳисоби буҷети шаҳр 3794674 сомонӣ маблағ ҷудо карда шуда, аз он 3957972 сом. сарф карда шудааст, ки 104% -ро ташкил медиҳад. Барои корҳои таъмирӣ аз буҷети МИҲД 215 ҳазор сом.ҷудо карда шуд, ки он барои таъмири боми маъмурият ва шӯъбаи эҳё истифода бурда шуд. Айни замон дар шаҳр 32 ҳазору 443 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунанд, ки аз онҳо 16623 нафар занҳо ва 15820 нафар мардҳоро ташкил медиҳанд. Занҳои қобили ҳамл 8357, кӯдакони синни то 1-сола - 785 нафар ва кудакони 18 сола - 1780 нафарро ташкил медиҳанд. Дар соли 2015 барои таъмин намудани иҷроиши Барномаҳои миллӣ ва дастгирии иҷтимоии гурӯҳҳои ниёзманди аҳолии шаҳри Бӯстон ба маблағи умумии 22 ҳазор сом. дар асоси Қарори Раиси шаҳри Бӯстон ҷудо шудааст. Дар мадди назари мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳр асосан барномаи миллии «Ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил» барои солҳои 2010-2015, Барномаи миллии оид ба муқовимат бо эпидемияи ВНМО ва БПНМ ва Барномаи миллии пешгирии паҳншавии нашъамандӣ ва такмили ёрии наркологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017 истодааст. Оиди Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемориҳои сил 2500 сомонӣ маблағ бо қарори раиси шаҳр иҷро карда шудааст. Дар соли 2015 90 нафар бемор дар қайди диспансерӣ меистад, 26-нафар бемор ба қайд гирифта шудааст, ки 14- нафар зан, 12- нафар мардро ташкил медиҳад. Дар соли 2015 3600 нафар аз муоинаи флюорографӣ гузаштанд, ки назар ба соли 2014 1360 нафар зиёд мебошад. Аз 519 нафар одамони гурӯҳи хатарнок 428 нафар аз ташхиси флюорографӣ гузаштааст, ки дар натиҷа 4-нафар бо диабети қанд, 3 - нафар бемории ВНМО, 7-нафар дар тамос будагон, 6- нафар муҳоҷири меҳнатӣ бо бемории сил дарёфт

кардашуда ба қайд гирифта шуд. Айни ҳол 25-нафар бемор табобати зидди силӣ гирифта истодааст, ки бо категорияи якум 15-нафар даври фаъоли табобат ба категорияи чаҳорум шакли мутобиқ гашта 6-нафар табобат гирифта истодаанд. Барномаи миллӣ оид ба муқовимат бо эпидемияи ВНМО ва БПНМ аз соли 2001 то соли 2015 дар шаҳр ҳамагӣ 97-нафар дорандагони вируси норасогии масъунияти бадан ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 63- нафар мард ва 34-нафар зан мебошад. Ҳамагӣ дар ин давра 26-нафар дорандагони ВНМО фавтиданд. Назорати диспансерии ҳамаи шахсони мазкур дар Маркази мубориза бар зидди ВНМО дар вилояти Суғд муттамарказ гузаронида мешавад. Тибқи маълумоти Маркази мазкур сироятёбӣ аз вируси норасоии масъунияти одам дар байни гирифторшудагон дар шаҳр ба қайд гирифта шуда ба воситаи сузандоруи таъмиз нашуда 2-ҳодиса, ба воситаи алоқаи ҷинсӣ -7 ҳодисаро ташкил медиҳад. Дар 4-ҳодисаи сироятёбӣ манбаи сироят номаълум мемонад. Барномаи миллии пешгирии нашъамандӣ. Дар соли 2015 51- беморӣ гирифтори бемории нашъамандӣ дар қайди диспансерӣ духтури нарколог меистад, ки аз ин 2-нафар зан мебошад. Ҳамаи беморони истеъмолкунандагони маводи сахттаъсири навъи героин мебошад. Аз соли 2008 то соли 2015 сатҳи гирифторшавӣ ба нашъамандӣ тамоюли пастравӣ дорад. Дар соли 2008 63-нафар ба қайд гирифта шуда бошад, дар соли 2015 ҳамагӣ 52 нафар дар қайд меистанд. Дар соли 2015 фавт аз бемории нашъамандӣ 1-нафар ба қайд гирифта шуд. Беморони майзада дар соли 2015 46-нафар дар қайд меистанд, ки аз онҳо 8- нафар занҳо мебошанд. Дар соли 2015 барои боз ҳам беҳтар кардани шароит барои беморони шӯъбаҳои таваллудхона, ҷарроҳӣ, амрози дарунӣ, осебшиносӣ бо дастгирии шахсони саховатпеша аз таъмири ҷорӣ бароварда шуд. Дар ошёнаи дуюми шӯъбаи ҷарроҳӣ ҳуҷра барои тамографӣ компютерӣ аз таъмир бароварда шуда таҷҳизоти тамографии компютерӣ васл карда шуд. Аз ҳисоби маблағҳои суратҳисоби махсус барои беморхонаи шаҳрӣ дастгоҳи сабти барқии дил ба шӯъбаи амрози дил, оксигенератор барои шӯъбаи эҳё ва таваллудхона, инвентарҳои нарм ва ҷевонҳо харидорӣ карда шуд. Барои тадбиқи барномаи «Соли 2015- соли гулҳо» дар беморхонаи шаҳрӣ зиёда аз 3 ҳазор бех гулҳои ҳархела ва ороишӣ шинонида шуд. Гирду атрофии беморхона бо дарахтҳои ҳамешасабз оро дода шуд. Ҷомеаи меҳнатии беморхонаи шаҳрӣ баҳри баланд бардоштани хизматрасонии тиббӣ тамоми дониш ва малакаи касбии худро равона менамоянд.

Паст шудани вазъи сиҳатии аҳолӣ, нобаробарии одамон дар масъалаи истифода аз хизмати тиббӣ ва ҳифзи саломатӣ зарурати гузаронидани ислоҳотро дар соҳаи тандурустӣ ва ба талаботи меъёрҳои ҷаҳони мувофиқ кардани сифати хизматрасонии тиббию санитариро ба миён овард.

Дар шаҳри Бӯстон 3 беморхона, 1 дармонгоҳҳои маркизии саломатӣ ва дар ҷамоати Палос амбуатория фаъолият бурда истодаанд. Инчунин марказҳои саломатӣ дар хизмати аҳолӣ мебошанд:

1. Маркази мубориза бо касалиҳои бачагона
2. Маркази мубориза бо касалии сил
3. Маркази саломатии репродуктивӣ
4. Маркази бо касалиҳои норасогиҳои оҳану камхун
5. Маркази бо пешгириҳои имунавӣ.

Дар доираи Барномаи эҳтиёҷи асосии аҳолӣ, махсусан табақаҳои камбизоат ба хизматрасонӣ дар доираи кӯмаки аввалияи санитарию тиббӣ бо роҳи пешниҳод намудани доираи васеи хизматрасониҳо дар соҳаи нигаҳдорӣ ва тақвияти саломатӣ. Табобат ва барққарорсозии оқибатҳои беморӣ, инчунин бо дастгирию рушди фаъолияти шахсони алоҳида, оилаҳо ва гурӯҳи одамон оид ба худхизматрасонӣ қонеъ гардонида мешавад. Ғайр аз ин, аз тарафи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр аз ҳисоби маблағҳои маҳаллӣ ва даромадҳое, ки илова ба маблағҳои муҳаррарградида ба буҷети маҳаллӣ ворид мешаванд, ба муассисаҳоии тандурустӣ расонидани ёрии амалӣ (таъмири биноҳо, дарёфти техникаи тиббӣ ва ғайра) пешбинӣ мешаванд.

Бинобар ин рушди соҳаи тандурустӣ бо дарназардошти талаботи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва ҳадафҳои Рушди ҳазорсола дар давраи то соли 2020 самтҳои зеринро дар бар мегирад:

- аз тарафи давлат таъмин намудани ҳаҷми кафолатнокии хизматрасонии ройгони тиббӣ ба аҳолӣ, махсусан табақаҳои камбизоат;

- ташкили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шароитҳои ташкилию иқтисодӣ барои баланд бардоштани сифату самараи хизматрасонии тиббӣ;

- баланд бардоштани самараи низоми идора ва истифодаи захираҳои давлатии молиявӣ, инчунин маблағҳои дар барномаҳои мақсаднок оид ба мубориза бар зидди бемории сил, гепатити В, тропикӣ, СПИД, касалии қанд, бемориҳои онкологӣ, инчунин барномаҳое, ки ба дастгирии модару кудак пешбинӣ шуданд;

- инкишофи афзалиатнок ва баланд бардоштании сифати ёрии аввалияи тиббию санитарӣ, ки ба принсипҳои тиббии оилавӣ асос ёфтааст;

- баланд бардоштани сифати расонидани кӯмаки авалияи тиббию санитарӣ ба занони синну соли қобили таваллуд, занони ҳомила ва атвол, ки ба қонеъгардонии эҳтиёҷи асосии онҳо нигаронида шудааст;

- пешгирии сабабҳои асосии фавти кӯдакон ва модарон ва пурзӯр намудани чорабиниҳо оид ба татбиқи барномаҳои пешгирии камхунӣ, ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона, модарии бехатар, солимии репрадуктивӣ ва танзими оила;

- гузаронидани чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҷавонон дар масъалаҳои солимии репудуктивӣ ва танзимӣ оила;

-такмили сохтори харид, назорати сифат ва бақайдгирии доруворӣ;

- ҷалб намудани маблағҳои ғайрибуҷетӣ (грант, кредит ва ғайра ) барои рушди соҳа;

- рушди барномаҳои маърифатӣ оид ба мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ;

- истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда.

Дар соли 2015 ба ҳалли 394 нафар кормандони тиб, аз ҷумла 172 нафар духтурон ва 212 нафар кормандони миёнаи тиббӣ хизмат мерасонанд.

Ҳифзи саломатии аҳолӣ, маблағгузории саривақтаи соҳаи тандурустии шаҳр дар мадди назарии аввали роҳбарияти шаҳр қарор дорад.

Беморхонаи муттаҳидаи шаҳрӣ хизмати тиббиро ба аҳолии шаҳр аз рӯи Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ», Барномаи миллии «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ дар давраи то соли 2010» ба роҳ мондааст.

Дар беморхонаи шаҳрӣ ва Маркази саломатӣ 455 корманди тибб, аз он ҷумла 112 нафар табибон ва 175 нафар ҳамшираҳои шафқат фаъолият мебаранд.

Дар марказ саломатии шаҳр иҷроиши 15 барномаҳои миллӣ оиди ҳифзи саломатии омма ва 8 намуди хизмати тиббӣ ба аҳоли, аз он ҷумла хизмати тиббии оилавӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар мантиқи шаҳр баҳри иҷроиши самараноки Барномаҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Мубориза бар зидди бемориҳои сил», «Зардпарвин В», «Табларза», «Ишемияи дил» «Бемориҳои ҳамбастаги кудакон», «Норасогии оҳан», «Диабети қанд», «Бемориҳои ба воситаи алоқаи ҷинси гузаронда», «Тарзи ҳаёти солим», «Ҷониби ширмаконӣ», «Солими репрадуктивӣ» корҳои амалӣ бурда шуда истодаанд. Дар асоси Барномаи пешгирии пандемияи зуком сохторҳои тиббӣ, маъориф, ситоди ҳолатҳои фавқулодда дар ҳамкорӣ фаҳолият бурда истодаанд.

Баҳри ичроиши вазифагузориҳои Раиси вилоят Суғд ҳаангоми шиносоӣ бо вазъи ободонии мавзеъ ва иншоотҳои беморхонаи шаҳрӣ аз тарафи маъмурият ва кормандони муассисаҳои тиббии шаҳрӣ тибқи нақшаи алоҳида корҳо аз ҷумла, корҳои таъмиру тармими шӯъбаи ҷарроҳӣ, ободониву камбудизоркунӣ, таъмини бемайлони оби нӯшокиву полезӣ ба роҳ монда шудаанд.

Дар нӯҳ моҳ соли ҷорӣ барои корҳои таҳмири биноҳо аз буҷети шаҳр 199089 сомонӣ, аз буҷети вилоят 50 000 сомонӣ маблағ ҷудо гардид. Аз ин маблағтаъмири боми шӯъбаи ҷароҳӣ ва бемориҳои дил 176 509 сомонӣ, таъмири бинои ҷарроҳӣ бо хатти обу ташноб ва хатти обу ташноби тагхона, қабати якуму дуюми бинои чорошёна ба маблағи 72 580 сомонӣ корҳо ба анҷом расонида истодаанд.

**Бозори меҳнат, Шуғл ва ҳифзи иҷтимоӣ**

Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии шаҳри Бӯстон дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо назардошти вазъ дар шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнати байналмиллалӣ низоми доимо амалкунандаи мониторинги бозори меҳнатро дар сатҳи шаҳр ташкил менамояд, таҳлили ҳолати он, ояндабинии талаботу пешниҳодҳоро ба қувваи корӣ амалӣ месозад. Соҳаи ҳифзи иҷтимоии шаҳри Бӯстон аз системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдакон, расонидани кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат мебошад.

Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон дар бозори меҳнат дар давраи то соли 2020 ҷалб ва ҳавасманд намудани муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди бозори меҳнат ба ҳисоб меравад. Хароҷоти буҷети шаҳри Кӯлоб барои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф, ва ҳифзи иҷтимоӣ) сол аз сол меафзояд. Ҳаҷми маблағгузории буҷетии ин соҳаҳо бештар дар асоси ҳисобу китоби сметавӣ (харҷномавӣ) муайян мегардад. Дар натиҷа, ҳаҷми хароҷотҳои алоҳида новобаста аз талаботи соҳа дар асоси имкониятҳои буҷети маҳаллӣ таҳия мегардад. Яке аз сабабҳои асосие, ки бекорони расман ба қайд гирифта шуда сари вақт ва пурра ба кор таъмин карда намешавад, ин ба дархост ва пешниҳоди муассисаю идораҳо ва ташкилотҳои дахлдор вобастааст. Илова бар ин ҳангоми гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ аксарияти иштирокчиён аз паст будани музди меҳнат ва шароити номусоиди корӣ норозӣ буда, аз ишғоли вазифаҳои пешниҳод шуда даст мекашанд. Бо мақсади кам кардани сатҳи бекорӣ, таъмини шароити мусоид барои фаъолияти минбаъда ва дастгирии молиявии бекорон аз ҷониби Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии шаҳр аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ҳамасола қарзҳои бефоиз ва имтиёзнок пешниҳод карда мешавад. Илова бар ин, курсҳои кӯтоҳмӯҳлати омӯзишӣ оид ба дӯзандагӣ, зардузӣ, бофандагӣ, кафшергарӣ, компютерӣ ва ғайра ташкил карда шуд, ки дар онҳо беш аз 400 нафар бекорон ҷалб карда шуданд.

Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон то соли 2020 ин, пеш аз ҳама, ҷалб ва ҳавасмандгардонии муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ дар бозори меҳнат, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохторҳои дахлдори соҳа ва дар ин замина мусоидат намудан ба рушди бозори меҳнат маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад то соли 2020 ташкили зиёда аз 10 ҳазор ҷойҳои нави корӣ дар назар дошта шудааст.

Сиёсати давлат дар соҳаи шуғл ба татбиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» равона шудааст, ки ба даст овардани мувозинат дар байни талабот ва пешниҳодоти қувваи корӣ, мусоидат намудан ба ташкили ҷойҳои кори иловагӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи шаклҳои гуногуни шуғл ва ғайра мақсади асосии он аст. Бо вуҷуди беҳтар гардидани вазъӣ бо кор таъмин намудани аҳолӣ, вазъи бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ ҳануз мураккаб аст. Сабаби асосии ба кори доимӣ ҷалб нагардидани бекорон ин паст будани музди меҳнатӣ, паст будани малакаи касбии бекорон ва ба талаботи онҳо ҷавобгу набудани касбу кори пешниҳодшуда мебошад.

Бо назардошти мушкилоти мавҷуда дар марҳилаи имрузаи тараққиёти ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳиму асосии сиёсати давлат дар соҳаи шуғл ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум то давраи 2015 аз инҳо иборатанд:

- ба талаботи иқтисоди бозоргонӣ тадриҷан мутобиқ гардонидани қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои зерқонунию меъёрӣ;
- пурзӯр намудани ҳифзи воқеии ҳуқуққҳои асосии меҳнатию иҷтимоии меҳнаткашон;
- ҷудо намудани қарзҳои хурд ба маъюбони қобили меҳнат ва нафақахурон барои машғул шудан ба соҳибкорӣ;
- дастгирии ташаббусии меҳнатии шаҳрвандон дар ҷодаи соҳибкорӣ, кӯмаки молиявӣ расонидан ба меҳнатии истеҳсолӣ ва эҷодӣ;
- мунтазам ташкил кардани ярмаркаи ҷойҳоии холи корӣ бо иштироки намояндагони ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, новобаста аз шакли моликият;
- беҳтар намудани фаъолияти хадамоти шуғл ва таъминоти молиявии онҳо;
- бо дар назардошти манфиатҳои аввалиндараҷаи иҷтимоию иқтисодии шаҳр танзим кардани муҳоҷирати хориҷии меҳнати;
- ташкили механизми дастгирии табақаҳои камбизоати аҳолӣ, рушди кӯмаки иҷтимоии мақсаднок;
- барқарорсозии хадамоти касбинтихобкунии мактаббачагон, интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо бо дар назардошти мувофиқати онҳо ба талаботи пешрафти илмию техникӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ.

Мақсади асосии Барномаи мазкур баланд бардоштани сатҳи зиндагии гурӯҳҳои нисбатан нодори аҳолӣ мебошанд, ки онро тавассути таъсиси ҷойҳои нави корӣ, андешидани чораҳои зарурӣ оид ба касбомузии корҷуён, ташкили корҳои ҷамъиятии музднок, васеъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва меҳнатии аҳолӣ тавассути додани қарзҳои хурд (микрокредит) ба даст овардан мункин аст.

Бо дар назардошти татбиқ шудани татбирҳои андешидашуда то соли 2015-16, 7 ҳазор нафар шаҳрванд бо кор машғул мешаванд.

Ба ин афзоиши васеъшавии доираи фаъолиятии корхонаҳои амалкунанда, гузаронидани чорабиниҳо оид ба татҷиди техникӣ, аз нав кардани иқтидорҳои нав мусоидат мекунад.

Афзудани шумораи кормандон дар соҳаи савдо ва хуроки умумӣ низ мушоҳида мешавад, ки он асосан аз ҳисоби вусъати фаъолияти тиҷоратӣ, афзоиши ҳаҷми хизматрасонии маишию иҷтимои марказҳои тиҷоратӣ ва хӯрокаи умумии бахши ғайридавлатии суръат мегирад.

Инчунин дар солҳои оянда ба корҳои ҷамъияти музднок, мусоидат намудан ба рушди соҳибкорӣ, таъсиси қарздиҳии хурди имтиёзнок дар сохтори мақомоти шуғли аҳолӣ ба назар гирифта шудааст.

**Фарҳанг ва фароғат**

Бахши фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлати шаҳри Бӯстон оид ба Барномаи дурнамои соҳаи фарҳанг ва нишондиҳандаҳои рушди соҳаи фарҳанг барои 2010 то 2016 маълумот медиҳад. Дар ихтиёри бахши фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон 1 китобхона, 1-китобхона-филиали №1, мактаби санъат, 1-ансамбли «Шашмақомхонон», 1-ансамбли эстрадӣ, 1-театри мазҳакаи драммаи русӣ ба номи А.С.Пушкин, 1-гурӯҳи рақсии «Ёсуман», 1-Қасри фарҳанг ва 1-адад боғи фарҳангӣ-фароғаии ба номи С.Айнӣ фаъолият мебаранд. Тибқи дурнамои соли 2017 дар назар аст, ки филиали китобхонаи марказӣ дар шаҳр ташкил карда шавад. Дар шаҳр айни замон 1 китобхонаи оммавии системаи марказонидашуда амал мекунад, ки 1 китобхона-филиал дар ҷамоати шаҳраки Палос ва чор нуқтаи китобдиҳиро доро аст. Тибқи ҷадвали басти вазифаҳо дар китобхонаи марказонидашудаи шаҳри Бӯстон бо филалаш 9-нафар кор мекунанд. Шумораи умумии маҳзани китобхона 38642 адад адабиётҳои соҳаҳои гуногун ташкил медиҳад, ки аз онҳо 3202 адад бо забони тоҷикӣ, 35429 бо забони русӣ ва 11 адад бо дигар забонҳоро дар бар мегирад. Дар давоми соли 2015 76 нусха адабиётҳои нав бо маблағи 2483 сомонӣ аз мағозаи китобфурӯшии «Ганҷина» харидорӣ карда шуд.

Дар шаҳр ду театр то ба имрӯз фаъолият мебаранд. Театри давлатии Лӯхтак, гарчанде дар шаҳри Бӯстон ҷойгир шуда бошад ҳам, вилоятӣ мебошад ва дигар театри драмаи русӣ ба номи А.С.Пушкин, ки театри касбӣ мебошад, давоми фаъолияти чандин солаи худ тавонист бо намоиши намоишномаҳои ҷолибу диққат дар арзаи ҷумҳурӣ ва берун аз он театри шаҳри Бӯстон муаррифи намояд.

Дар мактаби санъати шаҳр 50-нафар омӯзгори ботаҷриба фаъолият менамоянд, ки аз онҳо 1-нафар дорандаи медали «Хизмати шоиста», 1-нафар дорандаи Ҷоизаи байналмиллалии Гремми 8-нафар Аълочии Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10-нафар бо маълумоти олии махсус, 5-нафар маълумоти олии нопурра, 8-нафар бо

маълумоти олии педагогӣ, 21-нафар маълумоти миёнаи махсус 6-нафар бо маълумоти миёна фаъолият бурда истодаанд.

Дар мактаби санъат 451-хонандагон аз синни 7 то 16-сола таҳсил намуда 7-шуъба амал менамояд. Аз ҷумла шуъбаи фортепиано ва торӣ, шуъбаи созҳои миллӣ, шуъбаи сурудҳои анъанавӣ, шуъбаи рассомӣ, шӯъбаи ҳунарҳои мардумӣ, шуъбаи театрӣ ва синфи хореографӣ фаъолият мебарад.

Ҳамчунин ҷиҳати таъмиру тармими мактаб чораҳои андешида ба маблағи 600-сомонӣ дохили мактаб таъмири қисмӣ гардида, аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ дар давоми моҳи август барои мунфаршпӯш кардани роҳи мактаб ва кабудзоркунии гирду атрофи мактаб 12-ҳазор сомонӣ маблағ масраф гардид. Бояд гуфт, ки моҳи апрели соли равон ба маблағи 4120-сомонӣ 6-адад дутор ва 2-адад рубоб харидорӣ карда шуд. Барои маъракаи обунашавии соли 2016 мактаби санъат дар давоми соли 2015 ба маблағи 3207-сомонӣ тибқи нақшаи пешбинишуда обуна гардид. Тибқи фармони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2014 таҳти №140-ф дар бораи Қасри фарҳанги Корхонаи давлатии «Фулузоти нодири Тоҷикистон», воқеъ дар кӯчаи Московская-15 шаҳри Бӯстон вилояти Суғд, бе ҳуқуқи бегона кардан ба мувозинати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон гузаронида шуд. Бо Қарори Раиси шаҳр дастаҳои ҳунарии шаҳр ансамбли “Шашмақомсароён” ва ансамбли рақсии “Ёсуман” аз 1-апрели соли 2015 дар Қасри фарҳанг фаъолият доранд. Дар давоми фаъолияти худ дар доираи нақша чорабиниҳо Қасри фарҳанг дар баргузориии як қатор сӯҳбат-вохӯриҳо ва барномаҳои консертӣ саҳми назаррас дорад. Аз ҷула иштирок дар озмуни вилоятии “ҳунарнамоии беҳтарини шаҳру ноҳияҳои вилоят”, “Рақс бикун ҷоно” баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ дар толори Қасри фарҳанг бахшида ба Рӯзи машварати августии омӯзгорон, Рӯзи табибон, Истиқлолият, Рӯзи китоб шаҳодати гуфтаҳои болост.

Гарчанде тибқи нақшаи вилоятӣ таъмири пурраи Қасри маданияти шаҳри Бӯстон то соли 2018 дар назар аст. Аз ҳисоби буҷети маҳалли толори Қасри маданият ба маблағи 4419-сомонӣ таъмир гардид. Имрӯз дар Қасри фарҳанги шаҳр 1-ансамбли эстрадӣ, 1-ансамбли шашмақомхонон ва 1-ансамбли рақсии “Ёсуман” фаъолият мебарад. Ҳисоботи омории муассисаҳои фарҳанг чунин мебошад, ки дар муасиссаҳои фарҳанги шаҳр 300-нафар мутобиқи ҷадвали корбаст бояд фаъолият менамоянд. Тибқи дурнамои солҳои 2016-2020 дар назар аст,ки бахши фарҳанг шумораи муасиссаҳояшро зитёд намуда филиали китобхонаи марказиро дар шаҳр ташил намояд ва шумораи хонандагони китобхонаро зиёттар намояд. Тибқи дурнамои барномаи фарҳанг шумораи хонандагони мактабро нисбат ба соли 2015 зиёд намояд.Гарчанде дар соли 2015 шумораи хонандагони мактаб 451 нафар бошад соли 2017 ба 500 нафар расонад.

## Сайёҳӣ ва варзиш
### Сайёҳӣ

Сайёҳӣ дар шаҳри Бӯстон яке аз соҳаҳои асоси ва афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Маълумотҳои бостоншиносон шаҳодат медиҳанд, ки шаҳри Бӯстон шаҳри саноатӣ буда, дар инкишофи тамаддуни тоҷикон, аз ҷумла, шаҳрдорӣ ва шаҳрсозӣ нақши калон мебозад. Айни замон дар шаҳри Бӯстон инфрасохтори аввалиндараҷа, ба монанди комплексҳои варзишӣ ва майдонҳои истироҳатӣ, тарабхонаҳо ва меҳмонхонаҳо мавҷуд мебошанд.

Барои пешбурди сиёсати соҳа ва татбиқи самараноки он дар шаҳр, Бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ амал намуда истодааст, ки дар он 35 нафар мутахассисон фаъолият бурда истодаанд, ки аз онҳо 8 нафарашонро занҳо ташкил медиҳанд.

Шумораи умумии сайёҳоне, ки аз мавзеъҳои таърихию фарҳангии шаҳри Бӯстон дидан менамоянд сол то сол зиёд гардида истодаанд. Дар сатҳи ҷумҳури ва маҳаллӣ сол то сол ба рушди соҳаи сайёҳӣ диққати махсус дода шуда, дар ин замина аз 1 декабри соли 2014, №738 «Дар бораи амалӣ намудани нақша-чорабиниҳои «Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2017», қабул карда шудааст.

Шаҳри Бӯстон гарчанде шаҳри қадима набошад ҳам дар як муддати кӯтоҳ тавонист бо зебогӣ ва ҷойҳои нодири худ таваҷҷуҳи олимону сайёҳони оламро ба худ ҷалб сохта аст.Дар шаҳри Бӯстонто ниммаи соли 2015, 3 ширкатҳои сайёҳӣ фаъолият мебурданд: ширкати сайёҳии «Шод Ҷаҳон», кооперативи истеҳсолии «Аксам» ва «Атлас Тур». Дар шаҳр барои қабули сайёҳони дохилию хориҷӣ тамоми шароитҳо мавҷуд буда, дар ин самт аз ҷониби бахш тадбирҳои зарурӣ андешида шуда истодааст. Зеро таваҷҷуҳи сайёҳон ба кишвари биҳиштосори мо аз ҷумла дар шаҳри Бӯстон хеле зиёд буда, илова бар ин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон, барои боз ҳам беҳтар гардонидани хизматрасонии соҳа ва қабули бештари меҳмонон ва заминаи мусоид фароҳам оварданд, барои сайёҳони хориҷию дохили сол то сол кӯшиш ба харҷ дода истодааст.

Инкишофи соҳаи варзиши-кӯҳнаварди барои сайёҳони хориҷи ва дар ин замина ҷалб намудани ҷавонони шаҳр, яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи мазкур ба ҳисоб меравад. Бо назардошти шароити кунуни ва талаботи сайёҳон ба инфрасохтори аввалиндараҷа дар маркази шаҳр меҳмонхонаҳои замонави бо тамоми шароитҳои лозима барои сайёҳони хориҷиву дохилӣ хизмат карда истодаанд, ки дар як шабонарӯз метавонанд то садҳо нафар сайёҳонро қабул намоянд.

## Варзиш

Бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии шаҳри Бӯстон фаъолияти худро баҳри амалӣ гардонидани бандҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», нақшаҳои тақвими ягонаи чорабиниҳои варзишӣ, оммавӣ-солимгардонӣ, иштироки варзишгарон дар мусобиқаҳои вилоятӣ, бонуфузи ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ва қарори Раиси шаҳри Бӯстон «Дар бораи тадбирҳои амалӣ намудани «Барномаи маҷмӯи рушди тарбияи ҷисмонӣ, варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» ба роҳ монда, натиҷаҳои назаррасро ба даст овард.

Дар шаҳри Бӯстон як мактаби варзишии бачагон ва наврасон (МВБН) аз рӯи 13 намуди варзиш амал мекунад, ки шумораи тарбиятгирандагони он 402-нафар буда аз онҳо 53-нафарашонро духтарҳо ва бонувон ташкил мекунанд. Бо онҳо 19-нафар мураббиён фаъолият мебаранд.Бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи соҳаи варзиш дар доираи «Барномаи маҷмӯи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» аз 2 июли 2011, № 278 ва «Барномаи рушди футбол дар Чумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016» дар шаҳр аз нақшаи чорабининиҳои рушди соҳа мушаххас тартиб дода шудааст. Дар МД МВБН-и шаҳри Бӯстон аз рӯи намудҳои волейбол, муштзанӣ, вазнбардорӣ, шашка, футбол, гӯштини юнонӣ – румӣ, гӯштини самбо, варзиши сабук, қаиқронӣ, карате-до, гӯштини дзю-до, гӯштини тарзи озод, якҳарбаи шарқӣ гузаронида шудаст. Ҷамъи гурӯҳҳо ҳамагӣ 47-гурӯҳ варзишгарон 402-нафар аз онҳо 53-нафарро духтарҳо ва бонувон ташкил медиҳанд. Дастпарварони мактаби варзишии бачагон ва наврасони шаҳри Бӯстон дар соли ҷорӣ дар мусобиқаҳои шаҳриву вилоятӣ, ҷумҳуриву байналмиллалӣ иштирок намуда, сазовори ҷойҳои намоён гардидаанд. Варзишгарони шаҳр дар мусобиқаҳои варзишии гуногун, аз ҷумла дар мусобиқоти байналмилали сарбаландона иштирок намуда, сазовори ҷойҳои арзанда гардидаанд.

*<u>Иштироки варзишгарони шаҳри Бӯстон дар мусобиқаҳои солҳои 2013- 2015</u>*

| *№.* | *Солҳо* | *Мусобиқаҳои шаҳрӣ* | *Вилоятӣ* | *Ҷумҳуриявӣ* | *Байнал-милалӣ* | *Ҳамагӣ* |
|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *1* | *2013-14* | *25* | *31* | *20* | *5* | *81* |
| *2* | *2014-15* | *34* | *37* | *18* | *4* | *93* |

*Ишғоли ҷойҳои намоён дар мусобиқаҳо тӯли солҳои 2013- 2015*

| *№* | *Солҳо* | *Медали тилло.* | *Медали нуқра.* | *Медали биринҷӣ.* | *Ҳамагӣ* |
|---|---|---|---|---|---|
| *1* | *2013-14* | *88* | *61* | *81* | *230* |
| *2* | *2014-15* | *153* | *131* | *147* | 431 |

## БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР

Ҳачми хизматрасонии пулакӣ, ки ба аҳоли шаҳри Бӯстон дар соли 2010-ум ҳамаи хизматрасони пулаки, ки ба аҳолии расонидаанд 19273,5 ҳазор сомониро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2015-ум ба 67134,2 ҳазор сомони авзоишёфт,ки ин нисбати соли 2010 47860 ҳазор сомони зиёд шудааст.

Натичаҳои татбиқи нишондиҳандаҳои Барномаи рушди иқтисодии шаҳри Бӯстон дар давраи то соли 2015

Амалӣ гардонидани иҷрои нишондиҳандаҳои макроиқтисодии шаҳрамон, ки дар Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳр барои давраи то соли 2020 омадааст, марҳилаи муҳими ноил гаштани шаҳр ба пешравиҳо дар ҳамаи соҳаи хоҷагии халқ буда, имконияти дар ин давра ҳарчи бештар ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ, паст намудани сатҳи камбизоатиро фароҳам меоранд.

Мутобиқи барнома суръати рушди иқтисодиёти шаҳри Бӯстон ба тариқи зайл пешбини гардидааст.

-аҳоли шаҳри Бӯстон дар соли 2020 назар ба соли 2010 дар сатҳи 10,8 фоиз зиёд шуда ба 37,7 ҳазор нафар мерасад, ки дар ин ҳолат сурҳати миёнаи афзоиши солона 1,5 фоизро ташкил менамояд;

-истеҳсоли маҳсулоти саноати дар соли 2015-20,3 млн. сомониро ташкил намуда, сурҳати афзоиши воқеиаш назар ба соли 2008-2,0 маротиба зиёд мешавад. Рушд тавассути ба кор даровардани корхонаҳои нави соҳаи саноати сабук, баркарорсозии иқтидорҳои кухна ба воситаи ҷалби сармояи хориҷию дохилӣ дар назар аст;

-ҳачми гардиши савдои чакана дар соли 2015 ба 110,8 ҳазор сомонӣ расида суръати афзоиш бо нархҳои амалӣ нисбатба соли 2008-2,1 маротибаро ташкил медиҳад;

-хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ мутаносибан 54.9 ҳазор сомонӣ бо суръати афзоиш бо нархҳои амалӣ 2,4 маротиба дар назар аст.

## Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ

**оиди кор ва фаъолияти корхонаи фаръии давлатии обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳри Бӯстон** Дар панҷ соли сипари шуда, аз тарафи Корхонаи фаръии давлатии Обтаъминкунӣ ва канализатсияи ш.Бӯстон барои таъмин намудан, бо оби нӯшокӣ, полезӣ ва қабули рафъи партовобҳо (канализатсия) инчунин мунтазам мувофиқи дархости аҳолӣ, ташкилотҳо, муассисаҳо, корхонаҳои шаҳр новобаста аз шакли моликияташон дар таъмири қубурҳои обу-канализатсия корҳои гуногунро иҷро намуданд. Сарчашмаи оби нӯшокӣ обҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ буда, дар мувозинаи корхонаи мо саробанбор, обанборҳои наҳрӣ ва зеризаминӣ, иншоотҳои обтозакунанда мавҷуданд, ки мунтазам кор карда, талаботи аҳолӣ ва корхонаю муассисаҳои шаҳрро қонеъ гардонида истодаанд.

КВД Бӯстонобуканал аз соли 2010 то феврали соли 2011 ҳамчун як сохтори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон ба ҳисоб рафта таъминоти оби нӯшокӣ ва қабули рафъи партовобҳою дигар намуди хизматрасониҳоро ба шаҳрвандон ва муассисаҳои шаҳри Бӯстонро ба иҷро мерасонид.

Корхонаи воҳиди давлатии «Бӯстонобуканал» аз 09 феврали соли 2011 мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.02.2011 таҳти №39 ба ихтиёри Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷигии манзилию коммуналӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашт. Тибқи оинномаи тасдиқшуда фаъолияти худро ба роҳ мондааст. Корхона барои тоза ва безарар гардонидани оби нӯшидани ба истеъмолкунандагон додашаванда ва дар ҳолати хубӣ санитарӣ нигоҳ доштани ҳавзҳои оби нӯшидани масъулият доранд. Дар соли 2010-2012 аз 8-10 соат дар як шабонарӯз оби нӯшокӣ таъмин карда мешуду халос. Ҳоло бошад ба 20 то 24 соат дар як шабонарӯз расонида шуд.

Дар шаҳри Бӯстон таъмини 97%-и аҳолӣ бо оби нӯшокӣ аз системаи марказонидашудаи шаҳр мебошад, ки сарфи оби нӯшокӣ барои як нафар истиқоматкунанда дар як моҳ 8,67 метри кубӣ қабул шудааст, ин миқдор аз рӯи таҷҳизоти хонаҳо (ҳуҷраҳо) буда, ба ҳисоби миёнаи меъёри оби нӯшокӣ ба ҳисоб меравад. Дар тамоми нуқтаҳои истифодаи истифодабарандагон аз он ҷумла аҳолӣ қубури Д-15мм (аз ҳама хурдтарин) васл карда шудааст, ки сарфи об дар як соат 0,94 метри кубӣ мебошад, ҳол он ки меъёри қабул кардашудаи оби нӯшокӣ дар як моҳ ҳамагӣ 8,67 метри кубӣ мебошад.

Қайд кардан лозим аст, ки дар мувозинаи КФД ОК минтақаи ташноби (канализатсия) фаъолият мебаранд. Дар минтақа пойгоҳи насоси ташноби дар ҳудуди шаҳр ва иншооти обтозакуни соли 1970 сохта ба истифода дода шуда дар ҳудуди ноҳияи Б.Ғафуров минтақаи Унҷи ҷойгир шудааст, ки масоҳаташ 23,0 га мебошад.  Ба иншооти обсофкунии партобҳои шаҳр ворид мегардад. Иншооти мазкур  аз камераи қабули партовоби, панҷараҳои механики, ду адад майдончаҳои қумҷамкуни, 8 адад такшонкунакҳои дуқабата, бинои хлоркуни, 25 қитъаҳои биологи, озмоишгоҳи кимиёви, майдончаҳои лойҷамъкуни, ҳуҷраи кормандон ва душхона иборат мебошад. Ба ин мақсад аз ҳисоби худмаблағгузорӣ, маблағ барои маводҳои санитарӣ ва лавозимотҳои тозагӣ сарф карда мешавад.

Барои баркарорсозии системаи обу-канализатсияи ш.Бӯстон аз тарафи Бонки Аврупо оид ба рушд ва тачдид дар асоси накшаи инвеститсиони КФД ОК мушовирони  Бонки мазкур соли 2010 аввалин лоихаи техникию молиявиро тартиб дода хисоботро пешниход намуданд, дар лоиха таъмири асосии чоххои амуди ва коркарди насосхои обкаш, таъмин намудан бо насосхои нав ва таъмир кардани бинои насосхои кашиши дуюм, бинои безараргардони, иваз намудани шоххубурхои обдихандаи асоси ва таъмин  намудани тачхизотхои зарури барои истехсоли об ва баркарорсозии системаи обу-канализатсия пешбини карда шудааст, ки сарчашмаи маблаггузори инвеститсионӣ кӯтохмуддат ба микдори 2.8млн. доллари иёлоти муттаҳидаи амрико мебошад ва аз соли 2011 мархила ба мархила чудо шуда, амали гардида истодааст.

Аз он ҷумла харидорӣ ва таҷҳизонидан бо техникаи офисӣ ва таъмини он бо барномаи кории муҳосибӣ (1-С ва барномаи ягонаи мутамарказӣ), хобонидани қубурҳои полиэтилении ҳаҷмашон Д- 160 мм - 6480метр,  Д-315мм – 4000метр,    Д-110 – 320 метр ҷамъ ба 10800 метр ва пайвасти муштариён ба ин қубурҳо 39-адад биноҳои бисёрошёна дар кӯчаҳои Курчатов, Чапаев, Бӯстон, Театралний, Ҳувайдуллоев ва ба 32  ҳавлиҳою хоҷагӣ, ки назар ба дигар кӯчаву маҳаллаҳои шаҳр қубурҳояшон фарсуда буданд, васл намуданд. Натиҷаи корҳои ба анҷом расонидашуда мусоидат намуд, ки давомнокӣ ва сифати оби нӯшоки хеле беҳтар гардид.

Пас аз иваз намудани лӯкидону қубурҳои якчанд кӯчаҳои шаҳр то 10 % талафоти оби нӯшокӣ кам гардид. Дар асоси лоиҳаи шарномаи сетарафа баста шуда барқарорсозии шабакаҳои обтаъминкунии шаҳри Бӯстон идома ёфта марҳилаи аввали ин лоиҳа ба анҷом расида истодааст.

Инчунин дар марҳилаи якуми лоиҳаи мазкур пайваст намудани 6500 адад обченкунакҳо аз қубурҳои нави полиэтиленӣ ба муштариён ба нақша гирифта шудааст.

Айни ҳол аз тарафи пудратчӣ ПМК-43-и н.Б.Ғафуров корҳои барқарорсозиро дар обанбори зеризаминӣ оғоз намуданд. Ҳоло 2 адад насоси нави кашиши дуюм харидори карда шуда ба истифода дода шудааст. Корҳои азнавбарқароркунӣ идома доранд, тибқи нақшаи пешбинӣ гардида барқарор кардани даромадгоҳи иншооти обанбори зеризаминӣ, насби панҷараҳои муҳофизатии чоҳҳои амудии мавҷудбуда, иваз намудани хатти қубурҳои ҳавзҳои безараргардонӣ (хлорпошӣ) иҷро карда шуд.

Дар минтақаҳои нисбатан баландӣ шаҳр аз ҷумла маҳаллаҳои Нав, Заозерний ва Ғалаба таъминоти оби нӯшокӣ хеле беҳтар гардида мувофиқи реҷаи тасдиқшуда аз тарафи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ш.Бӯстон дар як шабонарӯз ба 18- 20 соат ва дар дигар минтақаҳои шаҳр 24-соат бо оби нӯшокӣ таъмин шуда истодаанд.

Сифати об мувофиқи стандарти давлатӣ буда, ташхисгоҳи қитъаи О ва К таркиби обро таҳлилу тафтиш гузаронида санҷишҳои кимиёвӣ, бактериологӣ ва хлорнокии обро гузаронида истодааст.

Дар ҳолати амали гардидани қисми дигари марҳилаи якуми лоиҳа, васл намудани 6500 адад обченкунакҳо муаммоҳои зиёди соҳаро бартараф менамояд ва ба сарфакории оби нӯшокӣ мусоидат менамояд.

Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 декабри соли 2006, тахти № 514 беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020» Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон ба КФД ОК-и ш.Бӯстон барои таъмири насосҳои обкаш ба маблағи 202000сомонӣ ҷудо карда шуд, ки аз ҳисоби ин маблағҳо дар соли 2015- 1 адад насоси обкашӣ тамғаи ЭЙВ 10-80-100 ба маблағи 13500сомонӣ дастрас карда шуда ба чоҳҳои амудии полезӣ ба кӯчаи Ҳувайдуллев васл карда шуд ва ба маблағи 9500сомонӣ қисмҳои эҳтиёти ба насосҳо харидорӣ карда шуд. Бокимонда маблағ, барои рӯйпӯш намудани қарзи Бонки Аврупо оид ба Таҷдид ва Рушд сарф карда шуд.

Аз ҳисоби худмаблағгузори корхона насосҳои обкаши таъмир намуда, 3 адад насоси навӣ обкаш дар чоҳҳои амудӣ обанбори зеризамини насб карда шуд. Бояд қайд кард, ки барои ободониву кабудизоркунӣ дар мавсими обёри 10 адад насосҳои обкаш барои истеҳсолӣ оби ирригатсионӣ мунтазам кор карда аз моҳи апрел ба кор андохта шуда, дарахтону майдонҳо обёри карда шуда барои сабзу хуррам ва ободу зебо гардидани шаҳри азизамон ҳамаҷониба сайъу кӯшиш намуда истодаем.

Аз соли 2016 оғоз намуда корхона мувофиқи дастуру супоришҳои ҳукумати давлат ва барномаҳои миллӣ нақша чорабиниҳои худро тартиб дода аз рӯи он амал намуда истодааст.

Тибқи лоиҳаи инветитсионии дар боло зикр гардида барои бахтар намудани таъминот ва хизматрасонии обу ташноби шаҳр, иваз намудани 35км қубурҳои байни биноҳо, барқароркунии минтақаи иншооти партовобзакунӣ ва харидории техникаҳои коммуналӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамчунин ба кор андохтан (откачка)-и 7-адад чоҳи амудӣ дар обанбори зеризаминӣ, ки баъд аз пош хӯрдани Иттифоқи Шӯравӣ кор намекарданд ва фарсудаю корношоям гашта буданд, иборат мебошад.

Корхона якҷояги бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон дар нақшаи соли 2016 таъмир намудану ба истифода супоридани насоси оби полезӣ (ирригатсионӣ) воқеъ дар наздики маҳаллаи Нав бо ном «Седаста»-ро ба нақша гирифтааст, ки таъминоти оби полезиро дар маҳаллаи Нав хуб ба роҳ мемонад.

Азнавбақарор намудани 8-адад ҳавзҳои дуқабатаи патовтозакунӣ ва таҳшинкунӣ дар минтақаи иншоотҳои партовтозакунӣ нақша гирифта шудааст.

Ба амал пурра татбиқ гардидани лоиҳаи инвеститсионии дар боло зикр гардида (то соли 2025), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №514 ва ҷамъоварии саривақтии ҳаққи хизматрасонии оби нӯшокӣ, полезӣ ва қабули партовобҳо аз муштариёну истеъмолкунандагон метавон қайд кард, ки таъминоти оби нӯшокии шаҳр бемайлон ва қабули партовобҳо боз ҳам беҳтару хубтар мегардад.

**Барқтаъминкунӣ**

Шабакаҳои барқии ш. Бӯстон моҳи феврали с. 2004 бо роҳи ҷудокардани Шабакаҳои барқии шаҳр аз ҳайати муассисаи энергетикии КВД «Фулузоти нодири Тоҷикистон» ташкил гардидааст ва аз тавозуни КВД «Фулузоти нодири Тоҷикистон» ба тавозуни ШСХК «Барқи Тоҷик» гузаронида шудааст. Шабакаҳои барқии ш. Бӯстон истеъмолкунандагони шаҳри Бӯстон ро бо нерӯи барқ таъмин менамояд. Ҳудуди хизматрасонии корхона 2,0 ҳ. га мебошад. Нақшаи сохтори ташкилии Шабакаҳои барқии ш. Бӯстон ба ҳисоботи техникӣ пешниҳод карда мешавад. МБГ (ТЭЦ) ш. Бӯстон мутобиқи Фармони Вазорати энергетика ва саноатӣ Ҷ.Т. № 38 аз 09.03.2007 с. «Оиди аз тавозуни КВД «Фулузоти нодири Тоҷикистон» МБГ-и ш. Бӯстон ро ба тавозуни ШСХК «Барқи Тоҷик» гузаронидан» ва дар асоси Фармони ШСХК «Барқи Тоҷик» № 79 аз 06.04.2007 с. ба тавозуни ШБШЧ ШСХК «Барқи Тоҷик» аз моҳи апрели с. 2007 қабул карда шудааст, ва яке аз сохтори зертобеи ШБШЧ ба ҳисоб меравад.

Дар соли 2015 асосан дар зеристгоҳи такягоҳии 35/6 кВ «Солнечная»васлакҳои равғании 6 кВ; ВМС аз таъмири ҷорӣ бароварда шуда, тамоми қисми оҳании зеристгоҳ ранг карда шудааст. Дифои релегӣ дар трансформатори қудратии Т-1 (ТМ-10000) барқарор карда шудааст. Инчунин дар пайвастагии Т-1, Т-2 ОРУ-35 кВ, зеристгоҳи «Солнечная» чашмакҳои равғании С-35 кВ аз таъмири ҷорӣ бароварда шуда, кори устувор ва эътимодноки зеристгоҳ дар мавсими зимистони солҳои 2015-2016-ум таъмин карда шудааст. Дигаргунсозии хатҳои

ҳавои барқии 0,4 кВ дар кӯчаҳои Краснознамённая, К. Хуҷандӣ, О. Кошевой, Айнӣ, Қайроққумская, Ҳувайдуллоев, Осипенко, Чехов, Истиқлолият, Энгельс ва Октябрская бо кашидани симҳо ва иваз намудани оиқҳо иҷро карда шудааст. Дар зеристгоҳи барқии «Юбилейная»-110/35/6 кВ боми ОТ-6 кВ ва дар якчанд ЗТ-6/0,4 кВ бом ва биноҳои онҳо аз таъмир бароварда шудаанд. Дар маҳаллаи «Баҳор» барои беҳтар гардонидани вазъи таъминоти барқи аҳолӣ, иловагӣ истгоҳи трансформатории намуди ГКТП-400/6 кВ сохта таҳти шиддати корӣ гузошта шудааст. Дар ШБШЧ соли 2015 асосан таъмири сохтмонии биноҳои истгоҳҳои трансформатории 6/0,4 кВ ИТ-75, 93, 7, 133, 36, 11, 50, 70, 41 ва 39 гузаронида шуда, инчунин дар ин истгоҳҳо таъмири дарҳо сарпӯш намудани каналҳои кабелӣ барин корҳо иҷро карда шудааст. Биноҳои ёрирасони хадамотҳо ва таъмири девори гирду атрофи ЗБ «Юбилейная» ва ЗБ «Солнечная» ва роҳҳои даромади ин зеристгоҳҳо гузаронида шудааст. Дар ИТ-159 низ таъмири сохтмонии бинои истгоҳи трансформаторӣ хушсифат гузаронида шудааст.

Тамоми фаъолияти кории ШБШЧ барои масрафи нерӯи барқро кам намудан, мақсаднок истифода бурдани он, кам кардани талафот дар вақти нақли нерӯи барқ ва истифода бурдани он, равона карда шудааст. Аз ҳамин лиҳоз дар шабакаҳои барқӣ нақшаи чорабиниҳое, ки дар давраи солҳои 2006 то 2015 дар навбати аввал бояд иҷро карда шаванд тартиб дода шуда ба Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст. Барои иҷроиши супориш ва дастурҳои Президенти кишвар дар бораи гузаштан ба фурӯзонакҳои каммасраф дар давоми солҳои 2009-2012 ва сарфакорона истифода бурдани қувваи барқ, тамоми корхонаҳо, муассисаҳо ва аҳолии шаҳри Бӯстон фаъолона иштирок намуда, лампаҳои тасфон ба фурузонакҳои каммасраф иваз карда шудаанд. Барои кам кардани талафоти нерӯи барқ дар эҳтиёҷи худӣ ШБШЧ с. 2011, дар 6-то фидерҳои асосӣ ҳисобкунакҳои сархатти гузошта шудааст. Бо мақсади сарфа намудани барқ ва кам кардани талафотҳои тиҷоратӣ дар хатҳои барқии истеъмолкунандагон, дар ЗТ-4 2 адад, ЗТ-5 2 адад, ЗТ-«БГ» 2 адад, ЗТ-Техникум 2 адад, ЗТ-1 2 адад, ЗТ-14 1 адад, ЗТ-173 1 адад, ЗТ-76 1 адад, ЗТ-118 1 адад, ЗТ-69 1 адад, ЗТ-133 2 адад ва ЗТ-160 2 адад ҳисобкунакҳои алоҳидаи электронии саргаҳи гузошта шудаанд. Инчунин дар кӯчаҳои Лермонтов, Энгелс, Осипенко, Ғорс, Павлов, Новая, Чехов, Кутузов, Кайраккумская, Октябрҳская, Киевская, Айни, О.Кошевой, Краснознамённая, Ленинабадская, Садовая, Пушкин, Гагарин ва М.Горҳкий ба миқдори 1307 адад ҳисобкунакҳои барқии аҳолӣ ба беруни ҳавлиҳо бароварда шудаанд. Ҳоло бошад корҳо оиди баровардани ҳисобкунакҳои барқи дар ШБШЧ давом дорад. Дар мавсими тобистони с. 2015 дар натиҷаи чен кардани борӣ ҷараёнии зеристгоҳҳои 6/0,4 кВ дар 7-то зеристгоҳҳо муайян карда шуд, ки трансформаторҳо ҳамагӣ 50% борӣ ҷараёни доранд. Аз моҳи апрел то моҳи октябри соли 2015 дар 15 ЗТ-ҳои 6-0,4 кВ яктогӣ трансформаторҳои камбор хомӯш карда шуда, ба реҷаи яктрансформаторӣ гузаронида шуданд. Баъди ин амалиётҳо талафоти барқи трансформаторҳои бебор (потери х.х.) тамоман кам

карда шуд. Корҳо оиди пешгирии талафоти энергияи барқ мутобиқи нақша-чорабиниҳо, ки дар варақи алоҳида замима карда мешавад, давом дорад.

**Оид ба амалисози лоиҳаҳои афзалиятоки энергетикӣ баҳри беҳтар намудани ҳолати барқтаъминкунии шаҳри Бӯстон барои солҳои 2016-2020**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Дар ЗБ «Юбилейная» ДТК-110/35/6кВ, васл кардани вaслаки элигазии 110кВ | - ДТК-110кВ ивазнамудани КЗ-110-Т-1, ОД-110-Т-1, КЗ-110-Т-2, ОД-110-Т-2 бавaслаки элигазӣ<br>- ивазнамудани занҷири 2-юми дифоирелегӣ | 2016-2018 | Барои баланд бардоштани эътимодиятнокии кори зеристгоҳҳои барқӣ ва солҳои дароз дар истифода қарор доштан. |
| 3 | Дар ЗБ «ГЭС-17» 35/6кВ иваз кардани вaслакҳои равғании 35кВ ба вaслакҳои элигазии 35кВ | - ДТК-35кВ ивазкардани 7 адад вaслакҳои равғании 35кВ ба вaслакҳои элигазӣ | 2017-2020 | Барои баланд бардоштани эътимодиятнокии кори зеристгоҳҳои барқӣ, набудани қисмҳои эҳтиётӣ барои ин вaслакҳои равғанин ва солҳои дароз дар истифода қарор доштан. |
| 4 | Дар ЗБ «Солнечная» 35/6кВ ивазкардани вaслакҳои равғанини 35кВ ба вaслакҳои элигазии 35кВ | - ДТК-35кВ ивазкардани 5 адад вaслакҳои равғании 35кВ ба вaслакҳои элигазӣ | 2018-2020 | Барои баланд бардоштани эътимодиятнокии кори зеристгоҳҳои барқӣ, набудани қисмҳои эҳтиётӣ барои ин вaслакҳои равғанин ва солҳои дароз дар истифода қарор доштан. |
| 5 | Дар ЗБ «Солнечная» 35/6кВ иваз намудани трансформаторҳои қудратӣ | - ивазнамудани 2 адад трансформатори қудратии 10мВА ба трансформаторҳои қудратии 16мВА<br>- ивазнамудани занҷири 2-юми дифоирелегӣ | 2017-2020 | ЗБ «Солнечная» аз солҳои 1960 дар истифода қарор дошта, бо бори 95-105% аз сатҳи номиналӣ фаъолият бурда истодааст.<br>Барои аз серборӣ озоднамудани ЗБ «Юбилейная»-110/ 35/ 6кВ. |

**Алоқа ва фазои иттилоотӣ (ҳазор сомонӣ)**

Дар шаҳр хизматрасонии алоқа ба аҳолӣ аз тарафи шуъбаи алоқаи, қитъаи алоқаи КВД «Фулузоти нодири Тоҷикистон» ва бахши шаҳрии филиали ҶСК «Тоҷиктелеком» ба роҳ монда шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки бисёр шаҳрвандон ва муассисаву ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият телефонҳои мобилӣ аз ширкатҳои TCELL, Билайн ва Вавилон истифода мебаранд.

| Параметр | Соли 2010 | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Хизматрасонии алоқа дар шаҳр | 286,9 | 217,0 | 129,8 | 79,0 | 37,2 | 37,6 |

Сокинони шаҳри Бӯстон аз барномаҳои шабакаҳои иттилоотии ҷумҳуриявӣ – 100% аз ҷумла: «Шабакаи аввал», «Сафина», «Баҳористон», «Ҷаҳоннамо» ва радиошунавонии ҷумҳуриявӣ бархӯрдор мегарданд. Ҳамчунин барномаҳои телевизион ва радиои вилояти Суғд низ мунтазам ва бо сифати хуб - 100% пахш ва инъикос мегарданд.

Ҳамзамон шурӯъ аз соли 2010 дар миқёси шаҳр мавҷи моҳворавии филиали ҶДММ «Мавҷи Ориёно» ҳамчун телевиони ноқилӣ амал менамояд, ки сокинони шаҳр имконият доранд аз он истифода намоянд.

Дар давраи ҳисоботӣ бо тамоми шабакаҳои иттилоотии ҷумҳуриявию вилоятӣ ҳамкории мустаҳкам ба роҳ монда шуда, оиди навовариҳо дар самти ободониву созандагӣ ва рушди соҳаҳои хоҷагии халқи шаҳр, баргузории мулоқоту суҳбатҳо, ҳамоишҳои шаҳрӣ ва дигар чорабиниҳо тариқи телевизионҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ мунтазам барномаҳои ҷолиб таҳия ва пахш мегарданд.

Дар канори ин дар шаҳр сомонаи расмии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шабакаи ҷаҳонии интернет аз моҳи декабри соли 2012 ба суроғаи mihd-chkalov.tj ба кор оғоз намуд, ки шаҳрвандони Тоҷикистону хориҷи он аз таърихи шаҳр ва пешравиҳои соҳаҳои мухталифи он шиносоӣ пайдо мекунанд. Маълумот оид ба рӯйдодҳои муҳими рӯзмарраи шаҳр саривақт дар сомонаи расмии мақомот ҷой дода шуда истодаанд. Илова бар ин сокинони шаҳр имкон доранд, ки дархосту муроҷиатҳоро ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон тариқи сомонаи мазкур ирсол намоянд.

Имрӯзҳо дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, коргоҳу муассисаҳо, бозоҳои ҳудуди шаҳр зиёда аз 26 адад баландгӯяк, насб гардид, ки боиси қаноатмандии шаҳрвандон гардида истодааст.

**Таҳиягар: Шӯъбаи рушди иқтисод ва савдои МИҲД-и шаҳри Бӯстон**